ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №3 (315) 19-уми марти соли 2021, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

## ҶАШН МУБОРАК БОШАД, МОДАРОНУ БОНУВОНИ АЗИЗ!




Модар ягона мавҷуди мушфиқу ғамхор ва мӯнису меҳрубонест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ба ӯ сухан гуфтану роҳ рафтанро ёд медиҳад, ӯро тарбия мекунад ва дар раванди тарбия дар қалби фарзанди худ эҳсоси муҳаббату самимият, некиву накӯкорӣ ва инсондӯстиро ба вуҷуд меоварад, барои босаводу соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шудани нури чашмонаш саъю талош менамояд.

Яъне, модар барои ташаккули маънавии фарзанд шабонарӯз заҳмат мекашад, тамоми умри худро бо ғаму шодии ӯ сипарӣ менамояд ва ҳамеша дар орзуи хушбахтии фарзандаш аст.

Эмомалӣ РАҲМОН

### ТАШРИФИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БА ДОНИШГОҲ




### НАМУНАИ БЕҲТАРИНИ ЯК ШАХСИЯТ, ОМӮЗГОР ВА РОҲБАР




### НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"




### БОНУВОНИ ПУРКОРИ ДОНИШГОҲ




### НАМУНАИ БАРҶАСТАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ




### ҲАРФИ ДОНИШҶӮ




### ТАШРИФИ РАИСИ КОА БА ДОНИШГОҲ



*Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст,*
*Инсоф дар қаламрави гардун намондааст.* Соиб

Анвори дониш
№3 (315), ҶУМЪА, 19.03.2021

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



**АМРИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

1. Ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор карда шавад.
2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоизаҳо ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).
3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.
4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони озмун ва омӯзгорону падару модаронеро, ки шогирдону фарзандонашон дар даври ҷумҳуриявии озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, бо мукофоти моддӣ ва маънавӣ қадрдонӣ намоянд.
5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2021 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур 2 835 000 (ду миллиону ҳаштсаду сию панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.
6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдодашуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.
7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе
11 феврали соли 2021
№АП-43

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" (минбаъд озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 баргузор мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илмӣ), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар) доир мегардад.

3. Озмун аз рӯйи панҷ номинатсия баргузор мешавад:
- адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ;
- адабиёти классикӣ;
- адабиёти муосир;
- адабиёти ҷаҳон;
- эҷоди назму наср.

4. Иштирокчиёни номинатсияҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:
-хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавру магистрҳо);
- аспиранту докторантҳо ва ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ;
- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (ҳакамони озмун дар ҳар як номинатсия ин се табақаро ба таври алоҳида ҷудо менамоянд).

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулони баргузории озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, муассисаи давлатии "Китобхонаи миллии Тоҷикистон", Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд.

7. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории озмун иштирок мекунанд.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани давраҳои якум, дуюм ва сеюми озмун масъул буда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

9. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, маориф, фарҳанг, ҷавонон ва варзиши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ масъули ташкил ва баргузории озмун мебошанд.

## 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

10. Барои гузаронидани озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" комиссия таъсис дода шуда, ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

11. Салоҳияти комиссияи озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми озмун;
- якҷо бо ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони озмун;
-омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни озмун ба даври ниҳоӣ;
-баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон ва иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони озмун.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, аз аввали моҳи майи соли 2021 то моҳи декабри соли 2021 ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:
-даври якум - моҳи май, дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
-даври дуюм - моҳи июл, дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе);
-даври сеюм - нимаи дуюми моҳи октябр, дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе;
- даври чоруми озмуни ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм моҳи декабр дар муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

13. Протоколи ҳайати ҳакамон ба комиссияи ҷумҳуриявӣ ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раиси ҳакамон пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои озмун дар деҳот, шаҳрак, маркази шаҳру ноҳияҳо, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

15. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда мешавад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми озмун тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш карда мешавад.

17. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи озмун то 20 ноябр муқаррар карда мешавад.

18. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти ӯ) шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида мешавад. Тартиби шартномаро Вазорати маориф ва илм омода карда, ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ мерасонад.

19. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Китобхонаи миллӣ ва Кумитаи телевизион ва радио масъули гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмун мебошанд.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

20. Дар озмун аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илмӣ, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок карда метавонанд. Як шахс танҳо дар як номинатсия иштирок карда метавонад.

21. Шартҳои ташкил ва баргузории озмун аз ҷониби комиссияи озмун назорат карда мешавад.

22. Дар вақти баҳогузорӣ ва холгузорӣ ба маҳорати хондан ва аз худ кардан бартарӣ дода мешавад. Иштирокчии озмун ба ҳайати ҳакамон маҳорату малака, қобилияти хондан ва аз худ кардани осори адибонро пешниҳод менамояд.

23. Аз ҷониби ҳайати ҳакамони озмун ба иштирокчӣ барои аъзои фаъоли китобхона будан ва ба ҳунари нақлу оҳанги ӯ низ хол дода мешавад.

24. Ба мавзӯъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлол, тараннуми дӯстию рафоқат, озодию осоиштагӣ, сулҳу субот, инъикоси саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзӯи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ ва тасвири табиати зебои Ватан бартарӣ дода мешавад.

25. Иштирокчии озмун дар интихоби забон зимни хондан ва аз худ кардани осори шифоҳӣ ва адабиёти кӯдакон, осори адабиёти классикии тоҷик,

*Қадри шеъри тар чи медонанд ноқистинатон,*
*Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро? Соиб*



# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст. Ба довталабоне, ки осори бадеии адибони ҷаҳонро бо забонҳои хориҷӣ пешниҳод менамоянд, бартарӣ дода мешавад.

26. Иштирокчии озмун метавонад аз намунаҳои эҷодиёти халқ, аз ҷумла афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва ғайра вобаста ба номинатсияи интихобкардааш истифода намояд.

27. Дар номинатсияи эҷоди назму наср хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олӣ ва баъд аз дипломӣ, ходимони илмӣ ва адабӣ, докторҳо аз рӯйи ихтисос ва калонсолони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ иштирок менамоянд.

28. Эҷодиёти ғолибони даври сеюми номинатсияи эҷоди назму наср, ки дар даври чорум иштирок менамоянд, бо номи мустаор барои гирифтани тақриз ба мутахассисони босалоҳият, адабиётшиносону мунаққидон ва адибони шинохта фиристода шуда, хулосаҳои онҳо ҳангоми ҷамъбаст ба инобат гирифта мешаванд.

29. Ба номинатсияи эҷоди назму наср асарҳое пазируфта мешаванд, ки қаблан ба ягон озмуни дигар пешниҳод нашудаанд.

30. Дар даври чоруми озмун иштирокчӣ шарҳи мухтасари ҳоли худ, рӯйхати асарҳои хонда ва азбаркарда (нусхаи чопӣ ё дастнависи ашъори азёдкардашуда ва мазмуни мухтасари асарҳои мутолиакардаашро бо зикри муаллиф ва номи асар) бо гузоштани имзо ба комиссияи озмун ба таври ҳатмӣ пешниҳод менамояд (рӯйхати матнҳо ва асарҳои азбаршуда дар се нусха ба даври чорум пешниҳод карда мешавад).

31. Дар сурати ба талабот ҷавобгӯ набудани номгӯи асарҳо, мукаммал набудани матни шеъру достонҳо ва ё изофанависӣ намудани номгӯи асарҳо ва шеърҳо холи довталаб кам карда мешавад.

32. Ғолибони даври чоруми озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардиданд, то се сол дар озмунҳои солҳои минбаъда ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

33. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ суроға ва ҷойи баргузории озмунро ба довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамоянд.

### 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

34. Маҳорату истеъдоди иштирокчиёни озмун аз рӯйи хондани назм ва насри бадеӣ муайян карда мешавад:

- барои иштирокчиёни озмун хондани роман, повест, ҳикоя, новелла ва дигар жанрҳои адабӣ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;

- иштирокчӣ дар хондани шеърҳо (ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, порчаҳо аз достонҳо ва дигар жанрҳои лирикӣ) вобаста ба номинатсияи интихобкардааш озод аст;

- ба иштирокчӣ барои нақли афсона, латифа, қиссаю ривоят ва дигар навъҳои осори шифоҳии халқ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;

-довталаби номинатсия асарҳои худро аз рӯйи навъҳои адабӣ, жанрҳо ва навъҳои анъанавӣ, нав, адабиёти кӯдак, насру драма пешниҳод менамояд.

35. Аз довталаби номинатсияи эҷоди назму наср таълифи як достони мукаммал дар вазнҳои анъанавӣ, 20 ғазал дар вазнҳои анъанавии арӯз, 20 рубоӣ, 10 дубайтӣ, 3 мухаммас, 2 мусаддас, 4 қасида, 5 шеъри сафед, 10 суруди ватандӯстона, 2 тарҷеъбанд, 2 таркиббанд, 5 ҳикоя, 2 эссе, 1 повест, 1 драма талаб карда мешавад.

### 7. МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

36. Ҳайати ҳакамони озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди иштирокчиён аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- барои таваҷҷуҳ ба мавзӯъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлолу озодӣ, инъикоси саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзӯи об - сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, сулҳу субот, бунёди роҳу нақбҳо ва иншооти бузурги аср, корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар бунёдкорию ободонӣ;

- барои қобилияти нақл ва тарзи қироат, шарҳи мухтасари асар, маълумот оид ба қаҳрамонони асар, баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар, қобилияти озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ, ҳунари ровигӣ, қобилияти луғатдонӣ ва шарҳи маънои луғавии вожаҳо, дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар, таассурот аз хондани асар.

37. Ба ҳар як довталаб барои муаррифии китобҳои хондааш ва нақлу хондани шеърҳо вақти озод дода мешавад.

38. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад. Барои азёд хондани осори манзум бо шарҳу эзоҳи калимаҳо 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол, барои ҷавоби миёна 3 хол, барои ҷавоби заиф 2 хол гузошта шуда, барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол дода намешавад.

Барои шарҳи муфассалу баёни равшани осори насрӣ ва ҳунари баланди ровигӣ, инчунин тавзеҳи калимаҳо аз асарҳои мутолиашуда 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол, барои ҷавоби миёна 3 хол, барои ҷавоби заиф 2 хол гузошта шуда, барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол дода намешавад.

39. Ҳангоми баҳогузорӣ ба маҳорати довталаби эҷоди каломи бадеӣ, тарзи интихоби мавзӯву мундариҷа, риояи рукнҳои вазни арӯз, қофияву радиф, корбарии санъатҳои бадеӣ, интихоби таъбиру ибораҳо, миқдори луғатҳои нав ва мутобиқати шакл, бандубасти асари бадеӣ ва ба мазмуни асар диққат дода мешавад.

40. Довталаби бахши назм бояд дар мавзӯъҳои пешниҳодшуда бадеҳатан шеър гуфта тавонад. Байти аввал аз ҷониби ҳакамон пешниҳод мегардад ва идомаи онро дар ҳамон вазну қофия довталаб хаттӣ ё шифоҳӣ ҷавоб медиҳад. Дар ин номинатсия шахсоне метавонанд иштирок намоянд, ки аъзои Иттифоқи нависандагон набуда, шеърро хуб дарк менамоянд, завқи шоирӣ доранд, нозукиҳои шеърро аз бар кардаанд ва дар рӯзномаву маҷаллаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ намунаи ашъорашон чоп шудааст. Довталаб ҳангоми иштирок дар озмун намунаҳои шеърҳои худро дар шакли чопӣ ва ё дастнавис пешниҳод менамояд. Қобилияти адиби насрнавис низ бо ҳамин тарз санҷида мешавад.

41. Асарҳои пешниҳодкардаи довталабони бахши эҷоди назму насрро аъзои ҳакамон инфиродӣ мутолиа карда, баъдан дар асоси тақризи пешниҳодшуда мавриди баҳогузорӣ қарор медиҳанд.

### 8. ҲАЙАТИ КОМИССИЯ ВА ҲАКАМОНИ ОЗМУН

42. Шумораи ҳайати комиссия дар асоси банди 10 Низомномаи мазкур муқаррар мегардад. Шумора ва ҳайати ҳакамонро комиссия муайян мекунад.

43. Ҳайати ҳакамони озмуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро раисони ноҳия, шаҳр ва вилоят бо санади дахлдор тасдиқ менамояд ва он амалҳои зеринро иҷро мекунад:

-тибқи пешниҳоди комиссияи озмун маҳорату истеъдоди иштирокчиёнро натиҷагирӣ мекунад;

-холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамояд;

-протоколи натиҷаи озмунро бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ мекунад.

44. Ба ҳайати ҳакамони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, шоирону нависандагон, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ворид мешаванд. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису муовинонаш бояд тоқ бошад.

45. Хулосаи ҳайати ҳакамони даври чорум дар комиссияи озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

46. Комиссияи озмун натиҷаи ниҳоиро ҷамъбаст карда, онро барои маълумот ва шиносоӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

47. Намояндагони Вазорати маориф ва илм ба ҳакамони озмуни ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо барои босифат баргузор шудани озмунҳо ёрии методӣ мерасонанд.

### 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

48. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми озмун, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

49. Ғолибони даври якум, дуюм, сеюми озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва ташкилотҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

50. Омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми озмун сазовори ҷойҳои якум мегарданд, бо нишони ифтихории "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонда мешаванд.

51. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдони худро аз даври якум то даври чоруми озмун омода менамоянд ва дар даври ниҳоӣ онҳо ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро соҳиб мешаванд, аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумуҳрии Тоҷикистон бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ мешаванд.

52. Падару модароне, ки фарзандони онҳо дар даври чорум ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ба даст меоранд, соҳиби нишони "Маърифатпарвар" ва "Ифтихорнома"-и Китобхонаи миллӣ мегарданд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд.

53. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми озмун аз суратҳисоби махсуси муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

54. Ба ғолибони даври чорум ва омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

55. Ҷоиза ва мукофоти пулии ғолибони озмун ва омӯзгорони онҳо дар маросими тантанавӣ аз ҷониби намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад.

56. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тартиби додани мукофот ва ҷоизаро раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

57. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

### 10. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУН

58. Барои иштирок дар даври чоруми озмун ба комиссия ҳуҷҷатҳои зерин ба таври ҳатмӣ пешниҳод карда мешаванд:

- маълумоти мухтасар дар бораи иштирокчӣ;
- рӯйхати асарҳои мутолиашуда;
- миқдори ашъори азёдшуда;
- нусхаи чопӣ ва ё дастнависи шеърҳои азёдкарда, мазмуни мухтасари

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



асарҳои насрии мутолиакарда бо зикри муаллиф ва номи асар (дар се нусха);

- нусхаи чопӣ ва ё дастнависи осори эҷодшуда (дар се нусха барои довталабони номинатсияи эҷоди назму наср);
- протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюми озмун.

59. Дар сурати изофанависии номи асарҳо ва миқдори матнҳои азбаркарда холи довталаб кам карда мешавад.

### 11. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

60. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабоне метавонанд иштирок намоянд, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯйи номинатсияҳои пешниҳодшуда ҷойҳои якумро сазовор гардидаанд.

61. Шоҳҷоиза ба иштирокчие дода мешавад, ки аз чор номинатсия (адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, адабиёти шифоҳӣ ва бачагона, адабиёти ҷаҳон) беш аз 70 фоизи осори назмию насрии тавсияшударо мутолиа ва ҳифз намудааст.

### 12. ИМТИЁЗҲО

62. Ғолибони даври чорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ, бе озмун, ба тариқи ройгон, ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибони даври чоруми озмун ва барандаи Шоҳҷоизаро Вазорати маориф ва илм тибқи муқарраротмуайян менамояд.

63. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

Замимаи 2
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 11 феврали соли 2021,
№АП-43

### ҲАЙАТИ КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа), раиси комиссия;

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Директори муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссия.

**Аъзои комиссия:**

Сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;

Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумуҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Иттифоқи нависандагон;

Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сармуҳаррири маҷаллаи "Садои Шарқ";

Сармуҳаррири нашриёти "Адиб";

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Ректори Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Мудири кафедраи адабиёти навини тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Мудири кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия.

Замимаи 3
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 11 феврали соли 2021,
№АП- 43

Ҷоизаҳои озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст"

Барои ғолибони озмун ҷоизаҳо аз рӯйи чор гурӯҳ ва панҷ номинатсия ба таври зер муқаррар карда мешаванд:

1. Миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11):

Замимаи 4
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 11 феврали соли 2021,
№АП- 43

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ТАВСИЯШАВАНДА БАРОИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"

1. Номинатсияи хондан ва аз ёд

1. Миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11):

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти классикии тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти муосири тоҷик ва осори шифоҳии халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони ҷаҳон

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

2. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавру магистрҳо):

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти классикии тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти муосири тоҷик ва осори шифоҳии халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

-номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони ҷаҳон

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

*Дидани по хуштар аз болу пари товусро,*
*Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.* Соиб



# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"

3. Аспиранту докторантҳо ва ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ:

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти классикии тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти муосири тоҷик ва осори шифоҳии халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик

| № | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони ҷаҳон

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

4. Омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти классикии тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти муосири тоҷик ва осори шифоҳии халқи тоҷик

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адабиёти бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик

| № | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

— номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони ҷаҳон

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

5. Номинатсияи эҷоди назму наср

Миёни довталабони номинатсияи эҷоди назму наср:

-дар бахши шеър – миёни хонандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ходимони илмӣ, адабӣ, докторантҳо, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони соҳаи фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

6. Маблағи умумӣ барои ҷойҳои 1, 2, 3-и озмун:

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум | 35 000 | 18 | 630 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 36 | 900 000 |
| Ҷойи сеюм | 20 000 | 36 | 720 000 |
| Ҳамагӣ | | 96 | 2 250 000 |

7. Шоҳҷоизаи озмун:

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Шоҳҷоиза | 70 000 | 1 | 70 000 |

8. Маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки шогирдонашон барандаи Шоҳҷоиза ва дар озмун ҷойҳои 1,2,3-ро мегиранд:

| | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Ҷойи якум, дуюм, сеюм | 10 000 | 26 | 260 000 |
| Ҳамагӣ | | 26 | 260 000 |

9. Хароҷотҳои дигар:

| | (бо сомонӣ) Маблағи умумӣ |
|---|---|
| Хароҷотҳо барои омода кардани ҷомҳои шоҳҷоиза, ҷоизаҳо, дипломҳо ва хароҷоитҳои дигар | 255 000 |

10. Ҳамагӣ:

| | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| Барои ҷоизаҳо | 96 нафар | 2 250 000 |
| Барои омӯзгорон | 26 нафар | 260 000 |
| Шоҳҷоиза | 1 нафар | 70 000 |
| Хароҷоти дигар | | 255 000 |
| Ҳамагӣ | | 2 835 000 |

*Зи нуқсони басират томеъонро нест парвое,*
*Ки чашми кӯр гардад косаи дарюза соилро.* Соиб



# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



кардани адабиёти кӯдакон ва наврасон, осори шифоҳӣ, порчаҳо аз осори манзуми адибони классикӣ ва муосири тоҷик:

- хондани афсонҳои халқи тоҷик, ҳикоя аз "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт", "Гулистон", "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Таҳзиб-ус-сибён"-и Садриддин Айнӣ ва латифаю ҳаҷвияҳои халқӣ;

- аз ёд кардани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, чистонҳо осори манзум аз шоирони барҷастаи классикӣ (аз осори Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил, Зебуниссо, Соиби Табрезӣ, Туғрал, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон), инчунин аз ашъори бачагонаи устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Ғаффор Мирзо, Сайдалӣ Маъмур, Нӯъмон Розиқ, Убайд Раҷаб, Акобир Шарифӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Алӣ Бобоҷон ва ҳикояву афсонаҳо ва қиссаву асарҳои хаёлии Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Нозирҷон Боҳирӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Латофат Кенҷа, Юсуфҷон Аҳмадзода, Маҷид Салим ва дигар нависандагони маъруф.

### 2. НОМИНАТСИЯИ ХОНДАНИ ҚИССАВУ РИВОЯТҲОИ ХАЛҚӢ, АСАРҲОИ НАСРӢ ВА АЗ ЁД КАРДАНИ ОСОРИ АДИБОНИ КЛАССИКИИ ТОҶИК:

1) намунаҳои насри ривоятӣ: "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт", "Чаҳор дарвеш", "Ҳазору як шаб", "Тӯтинома", "Синдбоднома", "Калила ва Димна", "Самаки айёр", "Марзбоннома", "Абумуслимнома", "Доробнома" ва ғайра;

2) осори насри классикӣ: "Томирис ва Куруш", "Шерак", "Корномаи Ардашери Бобакон", "Калила ва Димна", "Ёдгори Зарирон", "Ёдгори Бузургмеҳр", "Қобуснома"-и Унсурмаолии Кайковус, "Сафарнома"-и Носири Хусрав, "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, Ахлоқи Муҳсинӣ", "Футувватномаи султонӣ", "Рисолаи Ҳотамия", "Анвори суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, "Дастур-ул-мулук"-и Самандархоҷаи Тирмизӣ, "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш, "Туҳафи аҳли Бухоро"-и Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигар нависандагони маъруф;

3) аз ёд кардани ашъори шоирон аз рӯйи жанр:

-ғазал - на кам аз 100 ғазал (аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Саноии Ғазнавӣ, Анварии Абевардӣ, Шайх Фаридаддини Аттор, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Фахриддини Ироқӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Убайди Зоконӣ, Салмони Совеҷӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, Шавкати Бухороӣ, Абдулқодири Бедил, Зебуниссо, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Ғании Кашмирӣ, Толиби Омулӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Раҳматуллоҳи Возеҳ ва дигар шоирони маъруф);

-рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120 рубоӣ ва дубайтӣ (аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абуалӣ ибни Сино, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Сайидо, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ ва дигар шоирони маъруф);

-қасида - на кам аз 100 байт (аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Кисоии Марвазӣ, Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Носири Хусрав, Масъуди Саъди Салмон, Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Хоқонии Шервонӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Шамсиддин Шоҳин ва дигар шоирони маъруф);

-порча аз достон - на кам аз 150 байт (аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Биноӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигар шоирони маъруф);

-дигар навъҳои шеърӣ - қитъа, мухаммас, мусаммат, мусаллас, тарҷеъбанд, таркиббанд ва ғайра - 100 байт.

### 3. НОМИНАТСИЯИ ХОНДАН ВА АЗ ЁД КАРДАНИ ОСОРИ АДИБОНИ МУОСИРИ ТОҶИК ВА АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ:

1) аз ёд кардани рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, порчаҳо аз достону маснавӣ ва сурудҳои халқӣ аз эҷодиёти даҳонакии халқ;

2) осори насрии адибони муосир - ҳикояҳо, новеллаҳо, повестҳо, романҳо, драмаҳо, пессаҳо, ёддоштҳо ва очеркҳои Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Пулод Толис, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Ҷумъа Одина, Муҳиддин Хоҷаев, Урун Кӯҳзод, Сорбон, Кароматулло Мирзоев, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Юсуф Акобир, Ҷонибек Акобир, Бароталӣ Абдураҳмон, Баҳманёр, Сайф Раҳим, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Маҷид Салим ва дигар нависандагони маъруф;

3) ашъори шоирони муосир:

-ғазал - на кам аз 100 ғазал аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукуҳӣ, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Аскар Ҳаким, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Сайдалӣ Маъмур, Ҳабибулло Файзулло, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Кибром, Ашӯр Сафар, Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ширин Бунёд, Камол Насрулло, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Ҳадиса Қурбонова, Меҳринисо, Фарзона, Рустами Ваҳҳоб, Искандари Хатлонӣ, Салими Хатлонӣ, Хайрандеш, Озарахш, Озар ва дигар шоирони маъруф);

-рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120 рубоӣ ва дубайтӣ аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукуҳӣ, Боқӣ Раҳимзода, Аскар Ҳаким, Лоиқ Шералӣ, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Ашӯр Сафар, Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ширин Бунёд, Камол Насрулло, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Ҳадиса Қурбонова, Доро Наҷот, Меҳринисо, Фарзона, Рустами Ваҳҳоб, Искандари Хатлонӣ, Хайрандеш, Озарахш, Озар ва дигар шоирони маъруф);

-порча аз достон - на кам аз 150 байт аз эҷодияти Садриддин Айнӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Аскар Ҳаким, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор Сафиева, Сайдалӣ Маъмур, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Ҳадиса Қурбонова ва дигар шоирони маъруф);

- дигар навъҳои шеърӣ -100 байт аз шоирони муосири тоҷик.

### 4. НОМИНАТСИЯИ ХОНДАН ВА АЗ ЁД КАРДАНИ ОСОРИ АДИБОНИ ҶАҲОН:

- осори насрӣ ва аз бар кардани на кам аз 800 байт аз эҷодиёти адибони ҷаҳон:

Адабиёти рус: дар бахши назм, наср ва драма - Александр Пушкин, М. Лермонтов; дар бахши масал - Иван Крилов, дар бахши назм, наср ва драма - Александр Грибоедов, Иван Бунин, Борис Пастернак, Александр Островский, Николай Гогол, Иван Тургенев, Федор Достоевский, Лев Толстой, Антон Чехов, Максим Горкий, Михаил Булгаков, Александр Блок, Владимир Маяковский, Анна Ахматова, Марина Светаева, Сергей Есенин, Андрей Платонов, Владимир Набоков, Михаил Шолохов, Александр Солженитсин, Василий Шукшин, Валентин Распутин, Андрей Волос.

Адабиёти Украина, Беларус ва назди Балтика: дар бахши назм, наср ва драма - Максим Танк, Эдуардас Межелайтис, Янка Купала, Тарас Шевченко, Леся Украинка, Якуб Колас, Юстинас Мартсинкявичюс, Олес Гончар, Йонас Авижюс, Юрий Ритхэу.

Адабиёти Осиёи Марказӣ (ӯзбек, туркман, қазоқ, қирғиз): дар бахши назму наср ва драма - Абай, Алишер Навоӣ, Машраб, Увайсӣ, Нодира, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Эркин Воҳидов, Олжас Сулаймонов, Абдулло Орипов, Абдулло Қодирӣ, Мухтор Авезов, Чингиз Айтматов.

Адабиёти Қафқоз: дар бахши назму наср ва драма - Шота Руставели, "Довуди Сосунӣ", Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Хачатур Абовян, Аветик Исаакян, Расул Ҳамзатов, Отар Чиладзе, Самад Вурғун, Нодар Думбадзе, Грант Матевосян.

Адабиёти кишварҳои Амрико ва Канада: дар бахши назм, наср ва драма - Филип Френо (ИМА), Генри Уодсворт Лонгфелло (ИМА), Уолт Уитмен (ИМА), Вашингтон Ирвинг (ИМА), Ҷеймс Фенимор Купер (ИМА), Эдгар Аллан По (ИМА), Марк Твен (ИМА), Теодор Драйзер (ИМА), Ҷек Лондон (ИМА), Фрэнсис Скотт Фитсҷералд (ИМА), Вилям Фолкнер (ИМА), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Маргарет Митчелл, Ҷон Стейнбек (ИМА), Рэй Брэдбери (ИМА), Курт Воннегут (ИМА), Харпер Ли (ИМА), Эдгар Лоуренс Доктороу (ИМА) Кормак Маккарти (ИМА), Кен Кизи (ИМА), Стивен Кинг (ИМА), Ҷонатан Франзен (ИМА), Маргарет Этвуд (Канада), Элис Манро (Канада).

Адабиёти Амрикои Лотинӣ: дар бахши назм, наср ва драма - Габриэла Мистрал (Чили), Пабло Неруда (Чили), Жоржи Амаду (Бразилия), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия), Хорхе Луис Борхес (Аргентина), Мигел Астуриас (Гватемала), Марио Варгас Лйоса (Перу), Хулио Кортасар (Аргентина), Карлос Фуэнтес (Мексика).

Адабиёти кишварҳои Аврупо: дар бахши назм, наср ва драма - Данте (Италия), Федерико Гарсиа Лорка (Испания), Ҷованни Боккаччо (Италия), Ҷеймс Ҷойс (Ирландия), Вилям Шекспир (Англия), Иоганн Волфганг фон Гёте (Олмон), Виктор Гюго (Франсия), Ромен Роллан (Франсия), Франсуа Рабле (Франсия), Мигел Сервантес (Испания), Даниел Дефо (Англия), Валтер Скотт (Шотландия), Фредерик Стендал (Франсия), Ҷорҷ Байрон (Англия), Оноре де Балзак (Франсия), Александр Дюма (Франсия), Жорж Санд (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Вилям Теккерей (Англия), Чарлз Диккенс (Англия), Гюстав Флобер (Франсия), Жюл Верн (Франсия), Эмил Золя (Франсия), Анатол Франс (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Ҷорҷ Бернард Шоу (Англия), Артур Конан Дойл (Англия), Этел Лилиан Войнич (Англия), Редярд Киплинг (Англия), Марсел Пруст (Франсия), Вирҷиния Вулф (Англия), Франс Кафка (Австрия), Грэм Грин (Англия), Жан-Пол Сартр (Франсия), Албер Камю (Франсия), Дэвид Митчелл (Англия), Ҷоан Роулинг (Англия), Генрик Ибсен (Норвегия), Шарлотта Бронте (Англия), Эмили Бронте (Англия), Люис Кэрролл (Англия), Рафаэлло Ҷованолли (Италия), Болеслав Прус (Лаҳистон), Герман Гессе (Олмон), Сомерсет Моэм (Англия), Ярослав Гашек (Чехия), Кадзуо Исигуро (Япония-Англия), Меша Селимович (Сербия-Босния-Герсеговина), Жозе Сарамаго (Португалия), Олдос Хаксли (Англия), Эрих Мария Ремарк (Олмон), Антуан де Сент-Экзюпери (Франсия), Ҷорҷ Оруэлл (Англия).

Адибони Эрону Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон: дар бахши назм, наср ва драма - Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Маликушшуаро Баҳор (Эрон), Нимо Юшич (Эрон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Парвини Эътисомӣ (Эрон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Зиё Қоризода (Афғонистон), Аҳмади Шомлу (Эрон), Суҳроби Сипеҳрӣ (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Нусрати Раҳмонӣ (Эрон), Восифи Бохтарӣ (Афғонистон), дар бахши наср - Муртазо Мушфиқ Козимӣ (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Бузург Алавӣ (Эрон), Симин Донишвар (Эрон), Ҳушанг Гулширӣ (Эрон), Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон), Аббос Маъруфӣ (Эрон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон).

Адабиёти Осиё ва кишварҳои арабӣ: дар бахши назм, наср ва драма - Рюноскэ Акутагава (Япония), Кобо Абэ (Япония), Лу Син (Чин), Мо Ян (Чин), Ҷуброн Халил Ҷуброн (Лубнон), Нақиб Маҳфуз (Ҷумҳурии Мисри Араб), Азиз Несин (Туркия), Иброҳим Ал-Куни (Лубнон), Маҳмуд Саид (Ироқ), Муҳаммад Зифзоф (Марокаш)

***Бахшида ба 60-солагии доктори илми педагогика, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Миралиизода Абдусалом Мустафо***

# НАМУНАИ БЕҲТАРИНИ ЯК ШАХСИЯТ, ОМӮЗГОР ВА РОҲБАР



*Холиқзода АЙНИДДИН,*
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини аввали ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*



Тоҷик миллати тамаддунофар ва фарҳангпарвар буда, модарони ин миллат фарзандони фарзона барои инсоният таваллуд кардаанд. Таърихи башарият бо бузургону орифони ниёкони мо ифтихор дорад ва имрӯз осори гузаштагони мо бо тамоми забонҳо тарҷума шуда, бахри инсоният пешниҳод шудаанд.

Шукри беандоза, ки дар дунё одамони ҳалим, хоксор ва дурандешу оқил хеле зиёданд. Барои тарбия намудани чунин шахсиятҳо волидайни фидоӣ лозим аст, то тамоми буду набуди худро фидо кунанду чунин шахсияти арзандаро барои миллаташ ҳадя созад.

Дар ин матлаб сухан атрофи яке аз чунин шахсиятҳое меравад, ки модари қаҳрамони тоҷик барои соҳаи мориф ӯро ҳадя намудааст.

Миралиизода Абдусалом Мустафо, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз олимони закиву дурандеш ва дорои хислатҳои неки инсонӣ буда, пайваста омӯзгорону донишҷӯёнро дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарастӣ ва иршод раҳнамоӣ мекунад.

Ҳангоми дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзона таҳсил менамудам, аз ёриву дастгириҳои устод пайваста баҳрабанд мегардидам. Баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ маро ҳамчун ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ ба кор қабул карданд.

Дар донишгоҳ фаъолияти назарраси худро нишон дода, кӯшиш мекардам, ки ба боварии устод Миралиизода Абдусалом мушарраф шавам. Он вақт устод муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим буданд. Яке аз хислатҳои устод ин аст, ки шогирдро то ба қуллаҳои мурод расидан кӯмак менамояд.

Устод Миралиизода Абдусалом ҳамчун хизматчии давлатӣ одоб ва рафтори хуби инсонӣ дошта, муҳаббаташ ба Тоҷикистони азиз ва садоқаташ ба сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза аст. Хизмат ба ватанро вазифаи муқаддас дониста, барои миллати тоҷик пайваста хизмати содиқона менамояд.

**Зиёиён бояд ҷиҳати рушди Тоҷикистони азиз, пойдории суботи сиёсӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ ва таблиғи ғояҳои миллӣ кӯшиш намоянд. Дар ин самт мо, пеш аз ҳама, ба омӯзгорон такя намуда, вазифаи онҳоро ба сифати равшанфикрони пешқадам дар дуруст ва самаранок ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон мебинем. Онҳо вазифадоранд, ки наслҳои ояндаро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву меҳанпарастӣ, заҳматдӯстиву ҳимматбаландӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкиму пойдории забони давлатӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намоянд. Махсусан, зарур аст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо такя ба омӯзгорони деҳот барои баланд бардоштани мақоми зиёиёни деҳот аз ҳисоби омӯзгорон, кормандони соҳаи фарҳанг, табибон ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ андешанд.**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,
Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

Устод дорои ҳисси баланди инсондӯстӣ буда, эҳтиромона муносибат намудан ба инсонҳоро шараф медонад ва одилона, бовиҷдонона амал намуданро вазифаи хизматии худ мешуморад.

Чунон ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониашон қайд намуданд: "Вазифаи муҳими олимони кишвар бо дарназардошти шароити давлати соҳибистиқлол таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою рангоранги тоҷикон, поку бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҳёву эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошад."

Таърихи 21.01.2020 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳти №23) устод Миралиизода Абдусалом ба ҳайси ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин гардид. Баъди ин устод маро бовар карда, ба вазифаи муовини ректор оид ба таълим гузоштанд. Аз рӯзҳои нахустини фаъолияти корӣ устод ҳамчун шахси кордон, оқил ва ғамхору созанда маро барои иҷрои корҳои босифат тарбия намуда истодааст.

Дар аввалин вохӯриашон дар донишгоҳ гуфтанд, ки "...Мақсади асосии ман хизмати софдилона ба халқу миллатам мебошад...", ки дар як муддати кутоҳ исботи худро ёфт. Устод аз давраи аввали фаъолияти меҳнатиаш тамоми вазифаҳоеро, ки ба ӯ вогузор мешуд, софдилона ва бо дарки баланди масъулиятшиносӣ сидқан иҷро намуда ва ҳоло ҳам иҷро намуда истодааст.

Чунон ки аз воситаҳои ахбори омма огоҳ ҳастем, фаъолияти шаффофи он кас ҳамеша инъикос мегардад. Поквиҷдонӣ ва беғаразӣ хислати ҳамешагии ӯст. Ба касбият ва салоҳиятнокии ӯ касе шубҳа надорад. Маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои муваффақонаи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ мебошанд, доро мебошад.

Ҳоло ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ - 30-солагии Истиқлоли давлатӣ устод Миралиизода Мустафо корҳои назаррас намуда, ба самти илм ва таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, ба донишҷӯён, омӯзгорон ва собиқадорони соҳа ҳамеша ғамхорӣ намуда, пайваста кӯмакашон мекунад.

Устод Миралиизода А.М., пеш аз ҳама, як омӯзгори ҳақиқӣ ба шумор меравад. Омӯзгор воқеан ҳам шахсест, ки тафаккури инсонро ташаккул дода, инсонро ба қуллаҳои баланд мерасонад. Хушбахттарин омӯзгор ҳамонест, ки шогирдонаш шогирд намондаанду ба камоли устодӣ расидаанд. Маҳз барои чунин омӯзгорон бояд офарин хонд. Устод ҳам омӯзгор, ҳам олим ва ҳам инсони хеле самимӣ ва дурандешу меҳрубон аст. Шогирдонаш, аллакай ба камоли устодӣ расида, кору пайкори устодашонро пеш бурда истодаанд.

Миралиизода Абдусалом ҳамчун устод ва олими намоён дар миёни донишмандон ва шахсиятҳои барумманди доираҳои илмии кишвар ва берун аз ҷумҳурӣ аз маъруфияти сазовор бархӯрдор аст. Асарҳои илмии ӯ ба таърихи педагогика бахшида шудаанд ва ин асарҳо дар тарбияи касбӣ ва ахлоқии омӯзгорон саҳми арзанда доранд. Дар баробари вазифаҳои пурмасъули роҳбарикунанда пайваста бо ковишҳои илмӣ машғул буда, як лаҳза аз илм худро дур накардааст. Рисолати асосии устод маҳз дар омода намудани мутахассисони сатҳи баланди ба бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошад.

Баҳонаи навиштани ин матлаб ин аст, ки устод Миралиизода Абдусалом санаи 22-уми марти соли ҷорӣ ба синни муборакаи 60-солагӣ қадам мегузоранд. Роҳи пурмашаққати тайкардаи устод дар ҷодаи илму маориф тулонӣ ва хеле душвор будааст, вале ӯ ин душвориҳоро бо туфайли ранҷу заҳмат ва машаққатҳои зиёд пушти сар намуда, барои ба мақсади ягонаи худ расидан талошҳои зиёд намудааст.

Аз ин рӯ, аз номи худ устодро барои расидан ба синни муборакаи 60-солагӣ табрику таҳният намуда, баҳрашон зиндагии шоиста, ҳаёти босубот ва саодати рӯзгорро таманно дорам. Бигузор ҳамеша муваффақу шодком бимонед!

Зиҳӣ, марди хирад, устоди гиромиқадр - Абдусалом Миралиизода!

***Шасти шаст гар расид***
***бар доманат,***
***Ғам махӯр, ки айни***
***авҷи ҳиммат аст.***

*Бахшида ба 60-солагии доктори илми педагогика, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирализода Абдусалом Мустафо*

# АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ МИРАЛИЗОДА АБДУСАЛОМ





*Фарҳод Раҳимӣ, академик, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Ман дар рафтор, гуфтор ва симои Абдусалом Мирализода маҳз ҳамин хислати наҷиб - масъулиятшиносиро дарёфтам. Аз замони донишҷӯӣ, баъдан фаъолият дар вазифа ва мансабҳои гуногун дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, роҳбари Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва алъон дар вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳз ҳамин масъулиятшиносиаш буд, ки сазовори обирӯву эҳтироми хоссаи ҳайати кормандон ва аҳли ҷомеа гардид. Дар ҳар кӯҷое, дар ҳар вазифае, ки кор кард, он маконро обод ва муассисаро пешсаф гардонид. Дар ҷодаи илм низ муваффақ шуд ва рисолаи доктории ашро, ки ба тарбияи насли навраси кишвар ва педагогикаи муосир бахшида шудааст, дифоъ намуд.



*Латофат Назирӣ, н.и.п., дотсент, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мирализода Абдусалом аз зумраи олимону устодонест, ки дар рушду ривоҷи педагогика тоҷик нақши борризу муассир гузошта, мактаби илмии худро таъсис дода, дар рушду такомули педагогикаи миллӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоламон саҳмгузор мебошад.



*Имомзода М.С., д.и.ф., профессор, академики АМИТ, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҷавонмардӣ ва дастархондорӣ хоси ҳар кас нест. Ҷавонмард будан низ дар замоне, ки фаъолияти инсон пайваста зери бори фишор ва шубҳаву хӯрдагирӣ қарор дорад, бардошту тавони саҳл нест. Дар авҷи чунин бартарӣ ҳамоне пойдор мемонад, ки маънии зиндагиашро танҳо ва танҳо некиву накӯкорӣ, дасти сахо доштан ва ғамхорӣ нисбат ба атрофиён ташкил медиҳад. Бо боварӣ ва хаттӣ тасдиқ метавон гуфт, ки Мирализода А.М. аз зумраи ҳамон ҷавонмардонест, ки дар гирдоби беумқи ҳаёт зиёд гардиш хӯрдаву камол ёфтааст ва бо рафтору кирдори ҷавонмардонаи хеш, аллакай муҳаббати дилҳои мардумро ба даст овардааст.



*Давлатзода Сайфиддин Хайриддин, д.и.б., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

Ҳаёт ва фаъолияти ин шахси ҳалиму хоксор, ростқавлу ҳақиқатгӯ ва сиёсатдон намунаи ибрат буда, барои ҷавонон мактабест, ки меҳнатдӯстӣ, пуртоқатӣ, устуворӣ, тамкину таҳаммул, меҳру муҳаббат ва хислатҳои неки инсониро меомӯзад.

Мирализода А.М. дар зеҳни мо мисоли як донишномаест, ки саршор аз гуҳари илму маърифат ва ганҷинаи ахлоқу адаб, ки бояд онро пайваста мавриди омӯзишу мутолиа қарор дод ва ҳусни одобу ахлоқро аз ӯ омӯхт.



*Расулов Д., н.и.ф., дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки ректори нав доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо дар рушди донишгоҳ, махсусан, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони ҷавону арзанда, тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва инкишофи илм саҳми бештар хоҳад гузошт.



*Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз, академик, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мирализода А.М., дар баробари як умр дар мақомҳои роҳбарӣ фаъолият намудан, худро аз таълиму таҳқиқот дур нагирифта, барои илми педагогикаи ватанӣ хизмати шоиста кардааст, мактаби илмии худро таъсис дода, дар рушду такомули педагогикаи миллӣ дар шароити муосир саҳми беназир гузоштааст.



*Ҳабибулло Раҷабов, д.и.ф., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Абдусалом дар Донишгоҳи миллӣ дар вазифаҳои гуногун кор кардаанд, аз мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва мудири кафедраи педагогика то ҷойнишини аввали ректор дар бахши таълим расиданд. Пас бо фармони Сарвари давлат директори Китобхонаи миллӣ таъйин шуданд ва инак, ректори яке аз донишгоҳҳои номдори ҷумҳурӣ - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ мебошанд. Дар ҳамаи ин вазифаҳо, ман ягон дафъа нашунидаам, ки шикояте аз вазниниву душвории кор карда бошанд. Ин хислати беҳтарини ҳар як инсони комил аст.



*Давлатзода Қудрат Қамбар, доктори илмҳои иқтисод, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ*

Агар ба роҳи тайкардаи ин фидоии соҳаи маорифи кишвар нигоҳи кӯтоҳе биандозем, ба равшанӣ маълум мегардад, ки қисмати аъзами фаъолияти меҳнатии ӯ ба ҳамин соҳаи пурифтихор ва пурмасъулият марбут аст, ки онро сарбаландона ва шарофатмандона сипарӣ намудаву имрӯз низ идома медиҳад. Абдусалом Мирализода аз нахустин рӯзҳои фаъолияти кории хеш дар низоми мактаби олии ҷумҳурии азизамон ба касби омӯзгорӣ пардохтааст ва ин баёнгари лаёқату шоистагии ӯ мебошад.

# ТАШРИФИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БА ДОНИШГОҲ



Санаи 12-уми феврал раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода дар ҷараёни сафарашон ба шаҳри Кӯлоб аз рафти корҳои сохтмонӣ дар Маркази фарҳангӣ фароғатӣ дар Ҷамоати деҳоти "Зарбдор" дидан намуда, дар маросими кишти картошка дар кооперетиви истеҳсолии "Хатлон" иштирок намуд.

Инчунин, раиси вилоят ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ташриф оварда, Маркази илмии "Ҳамадонишиносӣ" ва китобхонаро дар факултети филологияи тоҷик ва журналистика фаъолияташонро оғоз бахшид. Сипас, бо аъзои Шӯрои олимони донишгоҳ суҳбат ороста, перомуни Паём ва илму маориф суҳбат намуд.

Баъдан, дар Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб" вобаста ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ вохӯрии раиси вилоят бо фаъолони шаҳру деҳоти Кӯлоб баргузор гардид.

Раиси вилоят ҳамчунин ба аёдати собиқадори меҳнат Бозор Эргашев рафт.

# ТАШРИФИ РАИСИ КОА БА ДОНИШГОҲ



Санаи 19-уми феврал раиси Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омада, дар толори фарҳангӣ бо ҳайати Шӯрои олимон вохӯрӣ анҷом дод.

Нахуст, ректори донишгоҳ доктори илми педагогика, профессор Мирализода Абдусалом суханронӣ намуда, меҳмонро хайрамақдам гуфтанд.

Сипас, Розиқзода Абдулҳаким суханронӣ намуда, аз нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ёдовар шуданд. Инчунин, дар бораи фаъолияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва мушкилоту нофаҳмиҳо ҳангоми ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ суҳбат карданд.

Баъдан, бо пешниҳоди ректори донишгоҳ доктори илми педагогика, профессор Мирализода Абдусалом ва розигии аъзоёни Шӯрои олимон Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ ҳамчун профессори фахрии донишгоҳ эътироф карда шуд.

Баъди суханронӣ аз тарафи омӯзгорони донишгоҳ саволҳо пешниҳод гардид, ки профессор Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ ба ҳамаи саволҳои пешниҳодгардида посух доданд.

# САЗОВОРИ ҶОИЗАИ РАИСИ ВИЛОЯТ ГАРДИД!

Боиси ифтихор аст, ки санаи 6-уми январ олимаи ҷавон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Расулова Лутфия соҳиби "Ҷоизаи раиси вилояти Хатлон" барои олимони ҷавон гашт. Ҷоиза ва туҳфаҳоро ба муаллима муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ тақдим намуд.



# КӮМАКИ ФЕДЕРАТСИЯИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА БА 111 НАФАР ДОНИШҶӮЁНИ ЯТИМ ВА МАЪЮБ



Санаи 2-юми март ба 111 нафар донишҷӯёни ятим ва маъюби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон кумаки молиявӣ расонида шуд. Кӯмакҳо-ро имрӯз Раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Маликшо Неъматзода зимни вохӯрӣ бо ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯёни ятим ва маъюб расонид.

Дар вохӯрӣ Маликшо Неъматзода доир ба самтҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, аз нуктаҳои раҳнамунсози он намунаҳо овард.

Зикр шуд, ки ғамхорӣ ба ятимону маюъбон ва дигар қишрҳои ниёзманди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат ва меҳвари сиёсати иҷтимоии ҳукумат қарор дошта, ҳамеша аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ меёбад.

Раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Маликшо Неъматзода ҳамзамон ба собиқадорони соҳаи иттифоқҳои касаба ифтихорномаҳо супорид.

# РӮЗНОМАИ "МАЪРИФАТ" ДАР ОЗМУНИ "НЕРӮИ СУХАН" ҶОЙИ 1-УМРО ГИРИФТ!

Санаи 10-уми март рӯзномаи Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ - рӯзномаи "Маърифат", ки роҳбарии онро яке аз рӯзноманигорони касбӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Аълочии матбуоти Тоҷикистон Давлатов Эраҷ ба ӯҳда дорад, дар озмуни беҳтарин маводи журналистӣ "Нерӯи сухан" аз руи номинатсияи "Беҳтарин маҷалла ва нашрияи соҳавӣ" соҳиби Ҷоизаи Раиси вилояти Хатлон, Дипломи дараҷаи 1 гардид!

Рӯзномаи "Маърифат" яке аз рӯзномаҳои хонданбоб дар шаҳри Кӯлоб аст, ки пайваста мақолаҳои ҷолиб ба нашр мерасонад.

Аз самими қалб ба кулли дӯстон ин муваффақиятро муборакбод мегӯям.

# НИШАСТИ ИЛМӢ - АДАБӢ ПИРОМУНИ ОФАРИДАҲОИ АШӮР САФАР

Санаи 8-уми январ дар толори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нишасти навбатии илмӣ - адабӣ баргузор гардид, ки он ба бузургдошти шоири халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашӯр Сафар бахшида шуда буд.

Бояд ёдовар шуд, ки нишасти донишмандон, омӯзгорон ва хатмкунандагони факултаи филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳ хеле шавқовар ва дар сатҳи баланди илмӣ доир гардид.

Муовини аввали ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқзода Айниддин ҳамоишро кушода, дар мавриди зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии шоир суханронии фишурда намуд.

Аз рӯи барномаи нишаст мушовири ректори Донишгоҳ ховаршинос Зафар Мирзоён, зери унвони "Ашӯр Сафар яке аз шоирони барҷастаи ҳавзаи адабии Кӯлоб", суханронӣ намуда, дар атрофи вижагиҳои шеъри устод Ашӯр Сафар, дарёфтҳои худро баён намуд. Номбурда зимнан гуфтанд, ки Ашӯр Сафар яке аз нахустин адибоне мебошанд, ки дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ ба сарварии кишвар интихоб гаштани Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун пайки сулҳи тоҷикон, бо сатрҳои самимӣ бозгӯ намуданд, ки услуби баёни зиндаёд вижа ва нотакрор мебошад:

***Ҷомаи сулҳ ба тан омадаӣ,***
***Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.***
***Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо.***
***Сар - сари дидаи мо омадаӣ.***

Ҳамчунин, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳ Худойдодова Ш. З. дар мавзӯи Пажӯҳишҳои илмии ашъори Ашӯр Сафар маърӯзаи илмӣ намуда, пажӯҳандагони бешумори эҷодиёти устодро номбар карданд.

Сипас чанде аз иштирокдорон оид ба шеърҳои нобу пуртаровати шоири номдори тоҷик суханронӣ намуданд. Аз ҷумла шоири тавонои тоҷик Лутфи Хомӯш, шеъри бахшидаи худро ба хотираи устод Ашӯр Сафар, хонданд. Ҳамчунин муаллима, номзади илмҳои филологӣ Зайналбӣ Холиқова низ аз шоир ёд карданд.

Дар поён Файз Ашӯр, шоири овозаманд - фарзанди устод Ашӯр Сафар, ёде аз саргузашти ҷолиби падар намуда, аз баргузоркунандагони нишаст изҳори сипос намуд.

# НИЗОМИДДИН ҶОИЗАИ РАИСИ ВИЛОЯТРО ГИРИФТ!



Санаи 10-уми март Низомиддин Комилов, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар озмуни беҳтарин маводи журналистӣ "Нерӯи сухан" аз руи номинатсияи "Беҳтарин маводи журналистии чандрасонаӣ" соҳиби Ҷоизаи Раиси вилояти Хатлон, Дипломи дараҷаи 3 гардид!

Ин муваффақиятро ба омӯзгор муборакбод мегӯям.

*Соиб назар сиёҳ масозад ба ҳар китоб,*
*Фаҳмидааст ҳар кӣ забони ишораро. Соиб*



*Бахшида ба 60-солагии доктори илми педагогика, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирализода Абдусалом Мустафо*

# МАРДИ ХАЙРХОҲУ РОҲБАРИ НЕКТАДБИР



*Зайнуддинзода Низомуддин, омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ, ёвари ректори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ*

***Шунидам, биҳишт он***
***касе тавонад дид,***
***Ки орзу бирасонад ба орзуманде.***

Мусаллам аст, ки ҳама фарзанди одамӣ аз лаҳзаи худшиносӣ бо худ орзуҳое мепарварад, ҳавасҳои кӯдакӣ шакли мураттабтаре касб карда, ба ҳадафу маром ва маънии зиндагӣ табдил меёбанд. Аммо, чӣ басо орзуҳое, ки "бо ҳасрат ба хок мераванд". Чаро? - Муҳимтарин сабаб шояд надоштани устоду роҳбар ва раҳнамои хайрхоҳу нектадбире бошад, зеро таърихи одамӣ исбот кардааст, ки на ҷаҳду талошҳои зиёду тахминии шабонарӯзӣ, таҷрибаҳои сангин, таҳаммули ҷигаррешкунанда, балки амалҳои дурусту санҷидашуда зери роҳнамоии устоди фозилу нексиришт касро ба қуллаи мақсуд мерасонад.

Банда устод Мирализода Абдусаломро маҳз чунин як роҳбари хирадойин, хайрхоҳу фозил, ғамхору меҳрубон ва дар зимн сахтгиру нектадбир дарёфтаам. Албатта, устод Мирализода А. ба ҳазорон-ҳазор дастпарварони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар, хосатан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳаққи устодӣ доранд. Аз ҷумла, ман низ зимни таҳсил дар курси аввали факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар маҷлисгоҳи бинои марказӣ, дар як чорабинии ҷашние устод Мирализода Абдусаломро вохӯрда будам. Он вақт устод бо сухани табрикотӣ баромад намуда, бисёр сареъ ва ҷиддӣ ҳайати толорро табрик гуфтанду зиёд серкор менамуданд. Аз ҳайбату сиёсати устод ҳамагӣ омӯзгорону донишҷӯён огаҳ ва эҳтироми воқеӣ қоил буданд.

Моҳи феврали соли 2017 баъди хатми донишгоҳ бо тавсияи устоди раҳнамоям, декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ Шодиев Рустам ба ҳайси мутахассиси шуъбаи котибот ба Китобхонаи миллӣ ба кор омадам. Директори Китобхонаи миллӣ профессор Назарзода С. Буд ва зимнан вазифаи ёрдамчии директори китобхонаро иҷро мекардам. Моҳи август тағйироти кадрӣ ба вуқӯъ омаду устод Мирализода Абдусаломро аз вазифаи муовини аввал, муовини ректори ДМТ оид ба таълим ба вазифаи директори Китобхонаи миллӣ таъйин карданд. Ҳайати кормандони Китобхонаи миллӣ боисрор мехостанд дар бораи устод Мирализода Абдусалом иттилооти бештаре пайдо намоянд. Собиқ директори китобхона профессор Назарзода С., ки қаблан декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ буд, бо устод Мирализода А. ҳамкор буданд, ба ман гуфт, ки "Мирализода А. бисёр инсони хуб ва роҳбари ботаҷрибаву ғамхор аст, таҷрибаи зиёди роҳбарӣ дорад, боварӣ дорам, ки зери роҳбарии он кас хуб фаъолият мекунед".

Мусаллам аст, ки китобхонаро фазои табиии изтиробу нигаронии кормандон нисбат ба вазифаҳои худ ва райъи роҳбари нав нисбаташон фаро гирифта буд. Ҳамагон интизори аксуламалҳо ва ислоҳоти роҳбари нав буданд, аммо устод Мирализода А.М. дар рӯзи аввали кории худ ботаъкид ба ҳамагон гуфтанд, ки **"Ман садқаи одами коргар мешавам. Корманде, ки уҳдадориҳои вазифавиашро саривақт иҷро мекунад, интизоми хуби корӣ дорад, дар фикри беҳбудии ҳамин муассиса аст, мавриди дастгириву қадрдонӣ қарор хоҳад гирифт".** Ин сухани таърихии устод Мирализода А.М. собит монд: ҳайати кадрии муассиса аз ҳисоби мутахассисони ҷавону забондон, худогоҳу ватандӯст тадриҷан такмил ёфта, низоми гармидиҳии муассиса, ки солҳое чанд хароб буд, ба танзим даровардa шуд; теъдоди аъзо ва хонандагони китобхона ба маротиб афзуда, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи кишвар ҷиҳати аъзошавии мактаббачагону донишҷӯён, магистрантону докторони PhD, аспирантону унвонҷӯён ба он ба маҷрои зарурӣ даромад; аввалин даври ҷумҳуриявӣ-ҷамъбастии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ..." дар сатҳи ниҳоят баланди ташкилӣ ва хидматрасонӣ дар китобхона баргузор гардид, ки баҳои баланди Ҳукумати мамлакатро сазовор шуд.

Вақте устод Мирализода А.М. ба танзими масоили коргузорӣ пардохтанд, масъулияти қабул, хондан, мураттабсозии почтаи ҳаррӯзаро ба уҳдаи ман вогузор намуданд. Ҳангоми фаҳмонидани тартиби мураттабсозии почта рӯйи варақаи роҳбар, ки ба кадом сохтор равона шудани ҳуҷҷат дар он навишта мешавад, номи роҳбари сохторро навиштанӣ шуданду бо ҳарфи "м.", яъне "муҳтарам..." шурӯъ намуданд. Ин лаҳза барои ман лаҳаи таърихӣ, бозшавии марҳилаи нави ҳаёт - шиносоӣ бо роҳбари қадршинос, шахсиятсозу зердастпарвар буд. Ин амал аз шахсияти хоксор, фурӯтан, соҳибандеша, инсондӯст, заминиву соҳибмаърифате парда бармедошт, ки солҳои зиёде дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардаасту асло ба худ худписандиву хурдагириро роҳ надодааст, балки ба роҳбари одитарин сохтори муассиса бо мухотаби "муҳтарам" муроҷиат мекунад. Қобили қайд аст, ки ин амали устод Мирализода А. коллективи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро низ мутаҳаййир ва ихлосманди шахсияти ин марди хайрхоҳу роҳбари нектадбир гардонид. Воқеан, чӣ тадбири накӯе, ки бо як ҳарфи "м." дили коллективи чанд-саднафарае моил мешаваду ба кору иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ дилгарму завқманд мегарданд ва аз ин, ки чунин роҳбари хирадойину некрой ва ғамхору шахсиятпарвар доранд, ифтихор менамоянд.



Таваҷҷуҳу боварӣ, талқинкуниҳои устод Мирализода Абдусалом буд, ки банда нозукиҳои коргузорӣ, таҳия ва мураттабсозии мактубҳои гуногунмазмунро омӯхта, бо дастгириҳову насиҳатҳои устод қадам ба қадам дар ҷодаи кору фаъолият пешрафт дорам. Аз мактаби роҳбарӣ, шогирдпарварӣ, роҳбарпарварӣ, шахсиятпарварӣ, омӯзгорпарварӣ, фидоии роҳи илму маърифат ва ватанпарварии устод Мирализода Абдусалом садҳо, шояд ҳазорон нафар фарзандони ин сарзамини фарзонахез баҳраманд гардидаву дар ҷодаҳои гуногуни илму фан ва соҳаҳои хоҷагидории мамлакат сарбаландона ифои вазифа намуда, ба гунае ба орзуҳои бачагӣ ва маромҳои ҳаётии худ расидаанд.

Аз ҷумла, тарбияи амалии устод ниҳоят муассир аст. Боре дар Китобхонаи миллӣ дар арафаи ҷашнворае барои як гурӯҳ кормандони фаъол ифтихорномаву сипосномаҳо омода мекардем ва яке аз масъулони омодасозии матни онҳо ман будам. Аз бетаҷрибагӣ ва аз шуниди ин овозаҳои беасос, ки роҳбарон нозуктабъу худбин мешаванд ва ҳама чиз дар беҳтарин сурат, новобаста аз ҳаҷми хароҷоту ташвиш, бояд барояшон омода шавад, лоиҳаи матни ифтихорномаро дар тарҳи ҳошиядору нақшдоре, ки зимни чоп карданаш ранги зиёди дастгоҳи чопӣ сарф мешавад, омода кардаву наздашон даровардам. Устод Мирализода А. вақте лоиҳаи матни ифтихорномаро диданд, ба нигоҳи хирадмандона ва бо оҳанги сиёсат, вале ҳалимона аввал амр карданд, ки дар нармкурсии наздашон нишинам ва баъдан гуфтанд: **"Гӯш кун, бачам. Ҳаминро нағз фаҳмида гир: то вақте ки ба моликияти давлат чун ба моликияти шахсии худат ғамхорона рафтор накунӣ, манфиати давлату миллатро аз манфиатҳои шахсият боло нагузорӣ, дар ҷомеа соҳиби мавқеъю эҳтиром намешавӣ. Бин, ин қадар ранге, ки барои ҳамин сиёҳнавис сарф кардаӣ, метавон даҳҳо саҳифаи матниро чоп кард".** Ин буд марҳилаи дувуми таърихие барои ман аз лаҳзаи шиносоӣ бо устод Мирализода А., ки уфуқҳои нави ҳаёт ва кору фаъолиятро бароям кушоданд.

**Устод Мирализода А. вақте лоиҳаи матни ифтихорномаро диданд, ба нигоҳи хирадмандона ва бо оҳанги сиёсат, вале ҳалимона аввал амр карданд, ки дар нармкурсии наздашон нишинам ва баъдан гуфтанд: "Гӯш кун, бачам. Ҳаминро нағз фаҳмида гир: то вақте ки ба моликияти давлат чун ба моликияти шахсии худат ғамхорона рафтор накунӣ, манфиати давлату миллатро аз манфиатҳои шахсият боло нагузорӣ, дар ҷомеа соҳиби мавқеъю эҳтиром намешавӣ. Бин, ин қадар ранге, ки барои ҳамин сиёҳнавис сарф кардаӣ, метавон даҳҳо саҳифаи матниро чоп кард".**

Воқеан, устод Мирализода А.М. аз он роҳбарони худшиносу худогоҳ, фурӯтану зердастпарвар ва нектадбире ҳастанд, ки одитарин захираи моддию молиявиро самаранок, мақсаднок ва дурандешона истифода менамоянд. Дар зимн бисёр саховатпеша, дастқушод, хайрхоҳу дастгири ятимону барҷомондагон, муҳтоҷону ниёзмандон мебошанд. Яъне, ҳар амалашон бо ҳусни тадбир ороста шудаву мояи ибрат ва панди зердастон, шогирдону ҳамкорон аст.

Ҳамин тавр, устод на танҳо ба зердастону ҳамкорон тавсияҳо барои кору фаъолият, балки дарси ҳаёту зиндагӣ, рӯзгордориву оиладорӣ, мақсаднокиву дурандешӣ, хидмати софдилона ба аҳли диёр, халқу Ватан меомӯзанд.

Хидматҳои устод Мирализода А.М. дар ҷодаҳои гуногуни фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ-педагогӣ ва роҳбарӣ достонҳоеро мемонад, ки ҳар қаламе қудрати тавсифи пурраи онҳоро бо тамоми нозукиҳо, тобишҳои эҳсосотӣ, маонии амиқу самимияти хоссаашон надорад.

Фаъолияти густардаи устод Мирализода Абдусаломро метавон таҷаллии суханони илҳомбахш ва талқинкунандаи Пешвои муззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олӣ (26.01.2021) садо дод, арзёбӣ намуд:

**"... вазифаи асосии ҳар яки мо - аз Роҳбари давлат сар карда, то вакилони мардум, аъзои Ҳукумат, роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва тамоми хизматчиёни давлатӣ - содиқона хизмат кардан ба халқи азизи Тоҷикистон, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат дар паҳлуи халқ будан аст...**

Мо бояд ташаббускору ташкилотчӣ бошем ва саҳми бевоситаи худро дар ободии мулки аҷдодӣ гузорем.

Яъне корро ба хотири ободии Ватани маҳбубамон тарзе ташкил кунем, ки дар раванди созандагӣ ҳар як шаҳрванди мамлакат шарик ва саҳмгузор бошад".

Устод Мирализода А.М. ҳамчун як омӯзгор, педагог, роҳбар, марди хайрхоҳу роҳбари нектадбир, ташкилотчии пуртаҷриба дар фаъолияти ҳамарӯзаи хеш нафарони зиёдеро ба корҳои созандагиву ободкорӣ, кашфи уфуқҳои нави илму фановарӣ, хидмати софдилонаву пайваста баҳри ободии рӯзафзуни Ватани азизу маҳбубамон Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ, сӯйи орзуву ормонҳо ва мақсаду маромҳои ҳаётияшон талқин ва роҳнамоӣ мекунанд.

Дар ин рӯзҳои пурнакҳат ва зебову хуррами баҳорӣ, ки устод ба синни муборaки 60-солагӣ мерасанд, мехоҳем бо камоли эҳтиром ва самимияти беандоза барояшон тансиҳатӣ, хонаободӣ, амалишавии ниҳонтарин орзуву ормонҳои ҳаётӣ, қуллаҳои боз ҳам баланди илму таълифоти соҳавӣ ва хуррамии рӯзгорро таманно намоем.

***Шасти камолот муборак, устоди азизу арҷманд!***
***Шасти навбатӣ ва шастҳои дигар насибатон бод!***

*Дасти дуо бувад сипари новаки дуо,*
*Фаҳмидааст ҳар кӣ забони ишораро.* Соиб

Анвори дониш
№3 (315), ҶУМЪА, 19.03.2021

# СОҲИБКОРӢ – ПАДИДАИ ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ



*Шамшед АБДДУЛОЕВ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултети иқтисод ва идора*

Соҳибкорӣ ҳамчун падидаи нав дар шароити соҳибистиқлолии кишвари азомон марҳила ба марҳила рушд намуда истодааст. Нақши соҳибкорони ватанӣ дар рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёти миллӣ бараъло мушоҳида гардида, зери диққати бевоситаи Ҳукумати мамлакат, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Чи гунае ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ бармеояд, дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ 4 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 2 фоиз зиёд мебошад.

Танҳо дар соли 2020 соҳибкорони бонангу номуси мо 300 адад коргоҳҳою корхонаҳои саноатиро бунёд намудаанд, ки ин гувоҳи рушду пешрафти иқтисодиёти кишварамон мебошад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар баробари ин ҳама дастгириҳо соҳибкорони ватанӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, дар ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ саҳми назарраси худро мегузоранд.

# РӮЗИ МОДАРОН МУБОРАК!



*Тахмина КОМИЛОВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг*

***Ба номи ту ин калом модар,***
***Ба шири ту эҳтиром модар.***
***Ҳар соату субҳу шом модар,***
***Аз ҷону дилам салом модар.***

Модар ситораи зиндагӣ, ситораи дурахшонест, ки ҷаҳонро нуру ҷило мебахшад. Офтобест, ки лаҳзае аз болои кӯҳе баромада, дӯнёро равшвнию ҳаёт мебахшад.

Модар ба қавли бузургон ба як дасташ гаҳвора ба дасти дигараш дӯнёро такон медиҳад. Модарон беҳтарин ноёби нотакроранд, он ҷо ки туӣ модар он ҷо гулистон аст. Онҷо ки набошӣ, ту як манзили вайрона аст.

Модарони азиз! Шуморо ба рӯзи идатон муборак гуфта, ба шумо умри дароз, тани сиҳат орзумандам ва аз даргоҳи Худованд хоҳони онро дорам, ки ҳамеша хурсанду саломат бошед. Ҳеҷ вақт ғамро набинед. Бузургон гуфтаанд: "Биҳишт зери қудуми модарон аст".

# MARCH 8 IS MOTHER'S DAY



*Нигина ҲАЙДАРОВА,*
*хонандаи синфи 11-и МТМУ № 5-и шаҳри Кӯлоб*

The mother is most precious blessing in the world, the source of boundless love, the purest spring, the source of child's wealth, the most precious person of humanity. Mother's sole it self is the first paradise of our lives.

A mother is a bright sun that illuminates the life of her child with it's bright light. Mother, in five letters, how macho love and humility is hidden. Mother is the star of life, the bright star that rises from the mountain for a moment and life to the world. The mother shares the cradle with one hand and the world with the other. The mother is the creator of life and death, and the most precious and honorable person in the universe.

# ХАЙР МАКТАБ! САЛОМ ДОНИШГОҲ!

*Навқалам*



*Ганҷина МИРЗОВАЛИЗОДА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг*

***Занги охир мекунад моро***
***кунун аз ҳам ҷудо,***
***Мекунем мо бар дабистони***
***азиз гӯё видоъ.***
***Ёздаҳ соле, ки бо ҳам доштем айшу сафо,***
***Оқибат, ки мешавем, эй дустон аз ҳам ҷудо.***
***Ёздаҳ соле, ки бо ҳам болу пар будем мо,***
***Мисли фарзандони як падар-модар будем мо.***
***Ранҷа додем устодони азизро ҳар қадар,***
***Заҳмати бисёр кашиданд аз барои мо дигар.***
***Болу пар бикшода инак дар раҳи сулҳу субот,***
***Мекунем парвоз акнун сӯи шоҳроҳи ҳаёт.***
***Хайр, эй дӯстон, азизон аҳли дониш хайр бод!***
***Зи макони маърифат, чашми дониш хайр бод!***
***Хайр мактаб, мизу курсӣ, доскаю синфхонаҳо,***
***Ассалом, коллеҷу донишгоҳу донишкадаҳо.***

# ЯКЕ АЗ БЕҲТАРИНҲО



*Шарифхон АЗИЗХОҶАЕВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултети иқтисод ва идора*

Агар имрӯз шумо кореро интихоб кардан хоҳед, пас кушиш кунед дар коратон яке аз беҳтаринҳо бошед. Яке аз сабабҳои нокомии инсон интихоби нодурусти касб ва тахассус аст. Шахсе, ки пешаи худро дӯст намедорад, ҳаргиз дар он муваффақ намешавад. Интихоби дуруст шахсро дар кораш комёб мегардонад. Танҳо боварӣ ва дӯстдорӣ метавонад моро дар корамон сарбаланд гардонад. Мисоли ин шуда метавонад Адолф Даслер.

Адолф Даслер 3-юми ноябри соли 1900 дар шаҳри Герсогенаурахи Олмон дар оилаи камбизоат ба дунё омадааст. Падари Адолф нонпаз буд. Оҳиста-оҳиста зиндагиаашон душвор гашт ва Адолф, ки ӯро бо тахаллуси Ади ном мебурданд, ба пойафзолдӯзӣ машғул гашт. Баъдтар ҳамаи оила ба ин кор ҳамроҳ шуданд ва зиндагиаашон хеле хуб гашт. Дар муддати на он қадар вақт Ади ҳамчун пойафзолдӯзи моҳир машҳур гашт ва дар ин кор ҳамто надошт. Баъди чор сол корхонае бо номи "Даслер" кушоданд. Соли 1925 барои Ади соли бобарор буд, чунки вай аввалин шуда, пойафзоли варзишии бутсиро баровард. Ин пояфзоли варзишӣ дар муддати начандон вақти зиёд машҳур гашт. Соли 1932 дар Олмон мусобиқае шуда гузашт, ки бисёре аз варзишгарон бо пойафзолҳои ҳамин корхона иштирок карданд. Ин сабаби он гашт, ки корхона ҳамон сол 400 ҳазор доллар фоида гирад ва заминаи пайдоиши корхонаи нав бо номи "АДИДАС" гардад.

Хонандаи азиз! Ҳар яки моро мебояд мисли ҳамин писарак Ади кореро интихоб намоем ва барои дар сатҳи аъло иҷро шуданаш кӯшиш намоем. Медонед пул ба осонӣ ба даст намеояд, ғалаба ба осонӣ ба даст намеояд, комёбии осон низ вуҷуд надорад. Чунон ки мебинем, бисёриҳо ба пойафзолдӯзӣ машғуланд, вале на ҳамаи онҳо беҳтаринанд, бисёриҳо донишҷӯянд, вале на ҳамаи онҳо беҳтарин донишҷӯёнанд. Хулоса, касберо интихоб намоед ва дар он яке аз беҳтарин бошед!

# ИФТИХОРИ МО ЗАБОНИ ТОҶИКИСТ!



*Шабнам ПУЛОДЗОДА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

Забон барои ҳар як халқу миллат волотарин ва қиматтарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Алалхусус, барои мо халқи тоҷик, чунки ин забони Рӯдакию Хайём, Синову Фирдавсӣ, Айниву Турсунзода ва дигар шоирону адибони бузурги тоҷик мебошад. Мо аз вақти ба дунё омаданамон аз забони фариштаи ҳаёт, яъне модарамон суруди алларо бо забони тоҷикӣ шунидаем. Ӯ аввалин калимаро бо забони тоҷикӣ ба мо омӯзонид, аввалин суханамон калимаи "модар" бо забони тоҷикӣ буд, яъне забони модарии мо забони тоҷикӣ аст ва бешубҳа мо тоҷикем ва бо забони хеш ифтихор дорем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки "Барои нест намудани як миллату давлат кифоя аст, ки забон ва фарҳанги онро нобуд созӣ."

Боиси таассуф аст, ки баъзе аз мардуми мо тақлид ба забонҳои хориҷӣ намуда, ҳангоми гуфтугӯ бо ҳамдигар бо забони русӣ ва ё англисӣ сухан мегӯянд. Албатта, забондонӣ бисёр хуб буда, омили пешравии ҷомеа мебошад. Агар ба дигар миллатҳо назар афканем, мебинем, ки ягон миллат аз забони тоҷикӣ дар муоширати ҳамдигар истифода намесозад. Пас, чаро мо ба ин хатогӣ роҳ медиҳем? Магар ин паст задани шарафу эътибори миллат ва забони модариамон нест?

Забон ҳастии миллат аст, пас чаро мо бо тақлидкории хеш забон ва фарҳанги хешро нобуд месозем? Забонҳои хориҷиро донистан ва дар ҷойи худаш истифода намудан беҳтар аст.

# БИРАФТӢ



*Юсуфзода Мавлоно Абдуқодир (Мавлоно Ошиқ), донишҷӯи соли 2-юми таҳсилоти фосилавии факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

*Навқалам*

***Бирафтӣ ту зи кӯйи ман, нахоҳам ман туро дигар,***
***Биойӣ рӯзе гар наздам, нахоҳам ман туро дигар.***
***Кунун ҷойи туро бар дигаре додам, дилозорам,***
***Зи ишки ту гузар кардам, нахоҳам ман туро дигар.***
***Ҳамеша баҳри ту будам вафодор доимо, эй ҷон,***
***Зи куйи ту гузар кардам, нахоҳам ман туро дигар.***
***Маро мегуфтанд хешон, ки ҳастӣ булҳавас, эй ёр,***
***Накардам боварашон ман, нахоҳам ман туро дигар.***
***Пушаймонам, ки дилро бар туи бемеҳр биспурдам,***
***Надонистӣ ту қадрамро, нахоҳам ман туро дигар.***
***Хама мегуфтанд бар ман, ки ошиқ будан ин макр аст,***
***Надонистӣ ту қадри ишқ, нахоҳам ман туро дигар.***
***Биё Ошиқ, бирав аз баҳри ишқи ин Баноз бигзар,***
***Надорӣ қадри як ҳарфам, нахоҳам ман туро дигар.***

# ҲАРФИ

# ИДАТ МУБОРАК, МОДАР!



*Маҳмадулло АШӮРОВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултети физика ва математика*

***Қадри модар гар бидонӣ,***
***соҳиби давлат шавӣ,***
***Хоки пояш гар бибӯсӣ,***
***дохили ҷаннат шавӣ.***

Модар, чи хел калимаи ширин ва дилангез аст. Вақте мо модар мегӯем, тамоми баданамону рӯҳамонро як эҳсоси хубе фаро мегирад, ки мо аз он ҳаловат мебарем. Модар ба мисли замин ва осмон якто аст ва муҳаббати ӯ барои мо фарзандон беканор ва ҷовидона аст. Модар туро ёд кардам, дар вақтҳои танҳоӣ чашм мепӯшам, симои зебоят, садои хандаҳоят ба гӯш мерасад ва чашмҳоямро боз мекунам, симои зебоят, садои хандаҳоят хомӯш мегардад, зеро ин садо дар тасаввуру хотироти ман аст. Модар шуморо ёд кардам, чӣ қадар суханҳо баҳри шумо бигӯям боз ҳам кам аст. Вақте мо номи модарро ба забон меорем, пеши назарамон айёми кӯдакӣ ва наврасӣ падид меояд.

***Модар, модар ба ҷон баробар модар,***
***Дубора нашуд ба кас муяссар модар.***

Модар сутуни хонадон, чароғи умри мо фарзандон мебошад. Хизматҳое, ки модар баҳри мо фарзандон кардааст, агар мо фарзандон садсолаҳо баҳри онҳо хизмат кунем, боз ҳам кам аст. Модарон беҳтарин пушту паноҳ, арзандатарин ҳастии ҳаёт, равшандиҳандаи ҳар як хонадон, қуввату мадори дилҳои нотавонанд.

Шумо модарон ва бонувони тоҷикро бо рӯзи идатон табрик гуфта, ба шумо, пеш аз ҳама, сиҳатӣ ва саломатӣ ва дар корҳоятон муваффақият хоҳонам.

# МОДАР, МЕҲРИ БУЗУРГИ ТУ ДАР ҚАЛБИ МАН АСТ!



*Исмоил РИЗОЗОДА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

***Аз сарвату зи шӯҳрат***
***гар бар фалак занам сар,***
***Таъзим мекунам боз***
***дар пеши пойи модар.***

Модар, ноёбтарин неъмати рӯи дунё, сарчашмаи меҳру муҳаббати беканор ва азизтарин шахсияти башар аст. Меҳри бепоёни ӯ ва навозишҳои гарми ӯ фонуси хаёли мост. Канори модар мактаби тифлӣ баҳри ҳар як инсон аст. Дасти дуои модар ва суханҳои самимонаи ӯ роҳи зиндагии фарзандро рушан мекунад. Модар чун дарахти пурсамерест, ки фарзандони парвардааш чун меваҳои ширин ба камол мерасанд. Хуршедест дар осмони дили фарзанд, ки бо партави ҷонбахшу нурофаринаш зиндагиро гармиву саодат ато мекунад ва нерӯи зистан мебахшад. Модар бузург аст. Бузургии модар дар он аст, ки бузургтарин неъмати дунё - фарзандро ба дунё меорад. Шабу рӯз дар фикри он аст, ки фарзанд бузург, донишманд, ҳунарманд шавад ва барои ҷомеа саҳмгузор бошад. Шоирони зиёде дар бораи модар бисёр суханварони кардаанд, ба мисоли Лоиқ Шералӣ, ки шоир китобе бо номи "Модарнома" навиштааст ва саросар ашъори нотакрорерo дар васфи модар фаро мегирад:

***Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст,***
***Асаре дорам агар, он асарам ҳадяи туст.***
***Дар фазои абадият паи парвози дароз,***
***Модари муштипарам, болу парам ҳадяи туст.***

Воқеан, модар азизтарин, меҳрубонтарин шахс барои ҳар яки мост. Албатта, барои васфи модар суханҳо оҷизӣ мекунанд. Дар охири суханҳои худ гуфтаниям, ки модарони худро бояд ғанимат донем. Хизмати онҳоро бо ҷону дил иҷро карда, ба дуои некашон сазовор бошем. Тамоми модарони рӯйи заминро ва дар симои онҳо модари худро низ бо идашон табрик карданиям. Идатон муборак, модарҷон!

# ДОНИШҶӮ БУДАН ШАРАФ АСТ



*Нигина ЛАТИПОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

Гумон мекунам, ки донишҷӯ будан мақсад ва орзую умеди ҳар як ҷавони тоҷики солимақлу бошууру мақсаднок ва нақши оядаи ҳаёту фаъолият мебошад. Калимаи "донишҷӯ" чӣ гуна калимаи фораму дилчасп, дар дилу хотираҳои насли ҷавон садои диққатҷалбкунанда, ҳаяҷоновар, инъикоси орзую умед садо медиҳад.

Зеро донишҷӯ шахсе мебошад, ки давраи бакамолрасиаш анҷом ёфтааст, аллакай ҷанбаҳои асосии ҳаёту фаъолиятро дониста, муайян карда ба ҳисоб меравад.

Солҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил мекардам, ҳамасола шоҳиди он мешудам, ки аз ҳисоби хатмкунандагони мактаби мо чанд нафар ва киҳо ба муассисаҳои олии касбии

*Равшан шавад чароғи дили мо зи ҳамдигар,*
*Чун риштаҳои шамъ ба ҳам зиндаем мо.* Соиб



# ДОНИШҶӮ

ҷумҳуриамон ва хориҷи кишвар дохил шуда, ба номи пуршарафи донишҷӯ ноил гардидаанд.

Ин навигариро шунида, майлу хоҳиши ман барои донишҷӯ будан боз ҳам баланду устувор мешуд. Дар тайёр кардану ба номи пуршарафи донишҷӯ ноил гардидани хатмкунандагони мактабу хизмату заҳмати муаллимони мактаб хело калон аст.

Муаллимони мактаби деҳаи мо дар давоми соли таҳсил ва давраи таҳсил бо хатмкунандагони ба муассисаҳои олии касби дохилшаванда дарсҳои иловагию машварат мегузарониданд, ман ҳам дар ин корҳо бо завқи баланд иштирок мекардам.

Вақте ки соли 2019 ман ба ҳайати донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, шуъбаи таъриху ҳуқуқ ба ҳайати донишҷӯён дохил гардидам, бо мақсади ноил гардидан шодию хурсандиам ҳадду канор надошт.

Дар давоми таҳсил ба муҳити педагогии донишгоҳ шинос шудам. Эҳсос намудам, ки омӯзгорони донишгоҳ дар муассиса ба муаллимони мактаб нисбат ба донишҷӯён серталабанд, муносибату муошираташон хеле ҷиддӣ аст. Онҳо кушиш менамоянд, ки шогирдонашон аз фанни таълиммедодагиашон донишҳои васею мукаммали касбӣ гирифта, ба касби ояндаашон хуб тайёр шаванд. Донишҷӯён натанҳо объект, балки субъекти ҷараёни таълим бошанд, яъне фаъол бошанд фаъолиятнокӣ нишон диҳанд.

Вазъияти субъективии донишҷӯ ба он алоқамандии зич дорад, ки ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ дар асоси принсипи ҳамкории омӯзгору донишҷӯ, хонандаю муаллим ташкил ёфтааст, ки вазъият омӯзгор-хонанда-донишҷӯ аст.

Танҳо ҳангоми гузаштани машғулиятҳои лексионию амалӣ, семинарӣ аз фанни педагогика аз ҷониби устод Расулов Давлатмурод дар мавзӯъҳои "Мақсад ва вазифаҳои системаи тарбия", "Моҳият ҷараёни таълим" фаҳмонидани донишҷӯ ҳамчун объект ва субъекти тарбия дар бораи ин мафҳумҳо дониш гирифтам, зарураташонро дарк кардам. Минбаъд кӯшиш намудем, ки натанҳо объекти раванди таълим, балки субъекти он низ бошем.

Дар давоми соли таҳсили 2020-2021 дар байни донишҷӯёни курсҳои якуми факултаи таърих, таъриху ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ донишҷӯёни ба категорияи "объект" (ғайрифаъол) дохилбуда кам набуданд. Онҳо бе тайёрӣ ба дарс меомаданд, натанҳо баҳоҳои "хуб" ва "аъло", ҳатто дар машғулият баҳои "қаноатбахш" ҳам намегирифтанд.

## МОДАР – ҲАСТИИ ФАРЗАНД

**Фараҳнози АШУРМАД,**
**донишҷӯи соли 1-уми факултети филология тоҷик ва журналистика**



Модарҷон, ту беҳтаринӣ, ту дар ҷаҳон ҳамто надорӣ, бароям яктоӣ. Ҳар гоҳе, ки номи туро ба забон мегирам, дар дилам меҳру шавқат нисбат ба ту боз ҳам зиёдтар мегардад. Ҳар қадар ки дар наздат бошам, боз ҳам аз бӯи муаттари ту сер намешавам.

Шояд ҳастанд нафароне, ки ба қадри ин олиҳаи бузург намерасанд ва чи будани меҳри ӯро дарк карда наметавонанд, ҳатто фикр мекунанд, ки молу сарват, симу зар барояшон ҳама чиз аст. Аммо не! Шояд онҳо хато кунанд, зеро як дуои модар беҳтарин ганҷина дар рӯи олам аст. Барои ман молу сарват, симу зари ин дунё аҳамият надорад, зеро як дуои модарам ин худ молу сарвати ин дунё аст.

***Яке симу зару гавҳар бихоҳад,***
***Дигар аз осмон ахтар бихоҳад.***
***Дили ман аз ҳама чизи қимматар,***
***Дуову ҳикмати модар бихоҳад.***

Модарҷон, ман тамоми зиндагиамро тамоми заҳмату талошамро дар ҳастии ту мебинам, зеро ту тамоми зиндагиатро, тамоми заҳмату талошатро барои мо фарзандон дареғ надоштӣ. Модарҷон, ту барои мо фарзандон мӯи сиёҳатро сафед, қомати ростатро хам ва ҳатто ҷавониатро дареғ надоштӣ.

Ҳар кас, ки дар зиндагӣ ба қадри ту нарасад, не соҳиби обрӯ мешавад, не соҳиби молу мулк ва ҳатто хонаи охирати худро месӯзонад.

## ҶАВОНОН ВА ИНТИХОБИ КАСБ



*Шарифзода АБДУРАУФ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

***Ҷавонон як рукни асосии ҷамъияту давлат ба ҳисоб меравад. Вазифаи ҳар як ҷавон аз он иборат аст, ки дар муасисаҳои миёна ва олии касбӣ таҳсил намуда, барои худ касб ва шуғлеро интихоб намояд. Ба воситаи касби интихобкардааш тавонад барои пешрафти давлату ҷамъият саҳми арзандае гузорад.***

*Эмомалӣ РАҲМОН*

Баъзан наврасон ва ҷавононе ёфт мешаванд, ки ба ҳамаи ин неъмату давлати ободу зебо шукрона накарда, ба хар гуна дастаҳои зидидавлатӣ ва бо шомил шудан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ба давлат зарари моддию маънавӣ мерасонанд. Ин нуктаро Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назар гирифта, соли 2017 Соли ҷавонон эълон карда буд, то ин ки ҳар як ҷавони воқеъбин ақлу заковати хешро бештар барои аз бар намудани илму дониш сарф кунад. Нест ҷавоне, ки дар дил орзуи расидан ба қуллаҳои баланди муродро накарда бошад, Мо-ҷавононро мебояд аз оромию осудагӣ ва зебогии диёрамон рӯҳияи тоза гирифта, бо дониши хуб таҳсил намоему барои пешрафти он камари ҳиммат бубандем. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки ҷавонони созандаву садоқатманди мо намегузоранд, то қадами нопоке ба хоки зархези Тоҷикистон, ки бо кӯшишу ҷонисориҳои зиёде аз мардони бонангу ори ин миллат сабз гаштааст, расаду онро ҷангзадаву нопок созад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як сафарҳояш ба мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон барои ба касбҳои гуногун фаро гирифтани ҷавонон, байни давлатҳо шартномаҳо ба имзо мерасонад, то ин ки ҷавонон рафта таҳсили илм кунанду ҳамчун мутахассиси варзида барои пешрафти ватани маҳбубамон саҳми худро гузоранд.

Моро зарур аст, ки аз ватандӯстиву андешаҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарси ибрат гирем ва онро пешаи ҳамешагии худ қарор диҳем.

## ЗИНДАГӢ ЧИСТ ВА ОН БАРОИ КИСТ?

*Миҷгона МАДАЛИЕВА,*
*донишҷӯи соли 4-уми факултети химия, биология ва география*

Зиндагӣ ин хуни дил хӯрдану бо алам сӯхтан дар масири танҳоӣ бо дард гиристан аст. Дар дил розест, аммо бо касе дар миён нагузоштан аст. Дар назди мардум лабханд задану даруни дил пур аз дард будан, ба орзуҳои дил нарасидан будааст. Ниқоби хушҳолӣ ба рӯй кашидану дар дил ғамро пинҳон кардан аст.

Зиндагӣ муаллимест, ки ҳар рӯз саволи наве медиҳад, маъалае пеш меорад. Ҷавоби саволи зиндагӣ мушкил аст, на аз китобе рӯбардор мекунӣ, на ҳамсабақе бо имову ишора ба ту мефаҳмонад. Зиндагӣ муколамаи бешоҳид, муколамаи як ба як аст. Зиндагӣ баҳрест пурталотум ва инсон киштиронест моҳир. Агар киштирони моҳир ба соҳили мурод рафта мерасӣ хуб, агар не гирдоби зиндагӣ туро ба коми худ фурӯ мебарад. Зиндагӣ китобест, ки онро тарзе бояд навишт, ки дуюмбора ҳоҷати таҳрираш набошад ва ин ғайриимкон аст. Зиндагӣ драмаест, ки бояд тавре ба саҳна гузошт, ки боиси чаппакзаниҳои бешумор гардад ва "Ҳаёти пурсамар" ном гирад. Зиндагӣ дарёест, ки инсон моҳичаҳои даруни он аст. Фақат дар ҷустуҷӯ медаваду медавад, то ризқи худро ёбад. Зиндагӣ мавҷи дарёро мемонад. Баъзан баландиҳо дораду ҳам пастиҳо. Ба сангҳои бузург мезанад, баъзан аз соҳил мебарояд, боз ором мегираду мавҷ мезанад. Зиндагӣ рудест, ки бозгашт надорад, гоҳе орому якнавохт ва гоҳе пуртуғён. Якеро пахш мукунад ва дигареро боло мебардорад. Зиндагӣ мубориза аст! Ба мубориза омода бош, вагарна миёнат мешиканад, рӯҳат мекоҳад... Зиндагӣ, ай шоми тира, ай ашк, ноумедӣ, ғаму ғуссаҳо, пушаймониҳо...

***Зиндагӣ оинаи бозию мо бозингарем,***
***Гаҳ табассум бар лабу гоҳе ба чашмони тарем.***

## АДИБИ ШУҶОЪ ВА ҚИССАИ ҲАҶҶИ АКБАР

*Ҳасан Мирализода,*
*донишҷӯи ДДК*

"Камина ғусса мехӯрдам, ки ба ҳамсафаронам Зам-замро камтар нӯшед, гуфта наметавонам. Солҳои гузашта аз истеъмоли ин оби муборак бисёр ҳоҷиён аз остонаи Маккаи мукаррама берун нарафта, дар ҳамин ҷой пой дароз мекарданд. Ҳатто бе микроскоп, ба назари оддӣ ҳам, аз ранги тира ва бӯи начандон хуши он пай бурдан мумкин аст, ки дар ҳар як ҷуръаи он тухми чандин дард ниҳон аст" Аз гуфтаҳои боло хонандаи зирак аллакай пай бурдааст, ки сатрҳои навишташуда ба қалами кӣ тааллуқ доранд.

Оре, ин суханони бебокона ба қалами адиби барҷастаи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев мансубанд. Воқеан дар таърих бисёре аз шахсиятҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди амалҳои шоиставу хидмат ба Ватан ва алфози неку хирадмандона дар назди мардум ва хонандаи имрӯза бо симои на он қадар хуб ҷилвагаранд. Яке аз ин шахсиятҳои бузург Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад, ки қисме аз хонандагони хӯрдагири кунунӣ барои эҷоди "Қиссаи ҳаҷҷи акбар" ба ӯ ҳарисона менигаранд.

"Қиссаи ҳаҷҷи акбар" яке аз асарҳое мебошад, ки хонандаро аз ҷоҳилият ва ҳазёни исломӣ берун кашида, ӯро вориди дунёи мунаввару рангин мегардонад. Дар асар лаҳзаҳои ба Макка рафтани ҳайати ҳоҷиёни 17+1 нафара ёдоварӣ шуда, дар баробари ин хислату атвори ҳар як ҳоҷӣ аз нигоҳи воқеъбинона, вале бо ҳазлу мутоиба баён шудааст. Ҳамаи ҳоҷиёне, ки ба зиёрати хонаи Худо мерафтанд дар мадрасаҳои мухталифи исломӣ ба монанди мадрасаи Мири Араб (ҳамон мадрасае, ки як замон устод Айнӣ, низ шогирди он буд) таълимоти гуногуни исломӣ гирифтаанд. Бо вуҷуди доштани саводи нимҷони динӣ ва қорӣ Қуръон будан ба мавҳумот рӯ овардаанд. Масалан, Қориака чунин мегӯяд: "Вақте ки ба Каъба наздик мешавед (ба ҳоҷиён назар афканда) мебинед, ки ҳеҷ ҷонзоде ҷуръат карда, аз болои он пар намезанад"

Ҳайҳот! Баробари ворид шудан ба даромадгоҳи Каъба ҳоҷиён ба гурӯҳи калони парандаҳо дучор шуданд, ки онҳо болои Каъба давр мезаданду яке аз онҳо бар девори бинои Каъба нишаста буд.

Нависанда ҳангоми сафари ҳаҷ аз номи персонажи асар, Қурбон сухан ронда, хонандаи асилро вориди дунёи хаёлот месозад. Албатта мо хаёлот гуфта, фикрҳои нави дар майнаи сари хонанда пайдошудаеро дар назар дорем, ки ӯ пеш аз хондани асар бо онҳо ошно набуд.

Ҳарчанд, ки баёноти таҳаввулотии муаллиф на бар ҳама хонандагон писанд меафтад, аммо боз нафароне ҳам пайдо мешаванд, ки афкори фалсафии муаллифро дастгирӣ намоянд.

"Қиссаи ҳаҷҷи акбар" аз нодонию гумроҳии баъзе аз ҳоҷиҳо ҳикоят карда, нависанда тасаввуроти содалавҳонаи онҳоро тавассути мутоиба анҷом медиҳад. Чунончи ҳангоми сафар ба хонаи Худо, дар роҳ, яке аз ҳайати ҳоҷиён ҳарорати ҳаворо аз 100 дараҷа боло арзёбӣ менамояд. Ҳама расму суннате, ки ҳангоми тавофи Каъба аз тарафи ҳайати 17 нафараи ҳоҷиён иҷро мешуд, ба чашми Қурбон нафратовар ва дар баъзе аз ҳолатҳо (ҳангоми санг задан ба тарафи Шайтон дар се мавриди ва ҳолати сангчаҷамкунӣ барои "шикори Шайтон") хандаовар менамуданд. З-ин рӯ ин байти Ҳофизро ҳангоми маросими Арафот зери лаб замзама менамуд:

***Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,***
***Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.***

Эҳтимоли бузург муаллифи ин байт ба "Қиссаи ҳазрати Одаму Ҳавво ва ронда шудани онҳо аз ҷаннат" ишора кардааст, ки бо гуноҳи онҳо тамоми мардум аз ҷанннат ва алвони неъмат маҳрум мондаву сарсону саргардонанд. Пас, агар падару модари мо (ҳазрати Одаму Ҳавво), ки чунин гуноҳи азимро содир кардаанд, мо фарзандони онҳо чаро ҳампешаи эшон набошем. Ҳамин тавр, тамоми зиёраткунандагони Каъба моҳияти байти дар боло ёдшударо сармашқи амалҳои худ худ қарор додаву онро думравона иҷро мекарданд.

Персонажи асосии асар, Қурбон, ки худ духтур буд ва барои беҳбудии тандурустии ҳоҷиён бо онҳо сафар дошт, гӯсфанди дар миёни гургон афтодаро мемонд. Зеро, ҳар сухане, ки ӯ ба ҳайати сафаркунандагон мегуфт, аз эътибор соқит буданд.

Воқеаҳои фитнаи мардуми араб бар сари занон ва маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои онҳо, имрӯзҳо пеши чашми ҳар як кас намудоранд. Аз ин рӯ, дар асари устод Фазлиддин Муҳаммадиев ҳолатҳои ба синни никоҳӣ нарасидани занон ва маҷбуран ба шавҳар додани онҳо баръало мушоҳида мешавад. Он гуна ки, пайғамбар ҳангоми ворид шудан ба хонааш норозигии арӯси навашро дида (аз сабаби он ки тафовути синнусолӣ миёни пайғамбар ва духтар хело зиёд буд) шабонгаҳ аз хона бадар меравад. Дар ривояту қиссаҳои исломӣ ин зан бо номи "арӯси ошӯбгар" маълум аст. Ин гуна ҳодисаҳо дар ҳаёти мо низ бисёр дучор меояд, лекин онҳо дар умри муборaки паёғамбар низ кам нестанд.

Бибӣ Оиша (духтари Абӯбакр) ҳангоми дар никоҳи пайғамбар буданашон бо Сафвон ном ҳамсолаш ишқварзӣ менамуданд. Чун пайғамбар аз ин ҳодиса огоҳ шуд қариб ним моҳ ба дари хонаи Бибӣ Оиша нарафт. Аз сабабе ки ҳусну ҷамоли Бибӣ Оишаи пайғамбарро шефтаю шайдо намуда буд, гуноҳи ӯро бахшид ва ба саҳҳобагон гуфт, ки "Ҷабраил мефармояд, ки Бибӣ Оиша гуноҳ надорад" Аз ин рӯ, пайғамбар ин муштипарро дубора ба даст даровард.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар мо шукргузор аз он ҳастем, ки ба занони миллати тоҷик ҳуқуқу озодиҳои бартарин дода шудаасту синни никоҳии гулдухтарони зебои тоҷик то ба ҳаждаҳ расидааст. Дар охир, бо пайравӣ аз суханҳои муаллифи "Қиссаи ҳаҷҷи акбар" гуфтанӣ ҳастам, ки акнун ҳар чизи хондаву шунидаамро дар бораи ҳоҷиҳо, шайҳҳо ва эшонҳо аз рӯйи виҷдон нақл хоҳам кард. "Бигузор ҳамагон бифаҳманд, ки ҳоҷӣ кист, ҳаҷҷи акбар чисту ҳоҷии кабир кист" Ва бо ин байт гуфтаҳоямро ба поён мерасонам

***Дар Каъба будан шарт нест ё дар калисое муқим,***
***Дидори ёри хешро ҳарҷо равӣ он ҷо биҷӯ.***

## МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

**Фазилат БАРФАКЗОДА,**
**донишҷӯи соли 4-уми факултети филологияи тоҷик ва журналистика**



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханрониҳову баромадҳояшон бо нишони эҳтиром аз хидматҳои Зан-Модари тоҷик бо некӣ ёд мекунад ва занҳоро гули сари сабади хонадон унвон додаст. Аз ҷумла, дар суханрониашон ба ифтихори Рӯзи модар чунин иброз намуданд: "Нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, илмомӯзӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст". Бале, зан созанда, зан сарвар, зан роҳбар ва модараст ва дар ҷомеа имрӯзҳо ҳамаи занони тоҷик бо иродаи қавӣ дар сафи мардон кору фаъолият мекунанд, ки ин ҳама бо кӯшишу заҳматҳои бевоитаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мебошад, зеро бо пешниҳод намудани Квотаи президентӣ, ки аз соли 1999 то кунун фаъолият намуда истодааст, шумораи он духтароне, ки аз деҳоти ҷумҳуриамон дар донишкадаҳои оливу касбӣ таҳсил намудаанд ва бо сари баланд хатм кардаанд, ба 6 ҳазор нафар мерасад, ки айни ҳол дар вазифаҳои гуногуни иқтисодӣ миллӣ кору фаъолият доранд. Имрӯзҳо ҳазорҳо нафар бонувони мо ба соҳибкориву тиҷорат рӯ оварда, аз худ корхонаҳои хурду бузурги истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис додаанд. Беш аз 126 ҳазор нафар занону ҷавондухтарон ба соҳибкорӣ машғуланд.

Пас, мо ҷавононро зарур аст, ки ба қадри ҳар кафи хоки ватан бирасем, шукргузори файзи истиқлол бошем, доимо сайъ намоем, то таъриху фарҳанги худро пос дорем, инчунин зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, ҳамарӯза сайъ намоем, ки чизи наве омӯзем ва қарзи фарзандии худро дар назди миллату давлат адо намоем.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2011 ба донишҷӯи соли 4-уми факулатаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (таълими фосилавӣ) Шарипов Дурандеш Сабурович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2019 ба донишҷӯи соли 2-юми факулатаи филологияи тоҷик ва журналистика (таълими рӯзона) Намоззода Умар Давлаталӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 5-уми факулатаи химия, биология ва георафия (таълими рӯзона) Абдуллоева Бибиҷон Ҷӯраевна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ИҚДОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - НАМУНАИ БАРҶАСТАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ



*Гадомад ЗУЛФИЕВ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика*

Имрӯзҳо сокинони хушбахт ва сарфарози Тоҷикистон зери роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷашни муҳими сиёсӣ ва муқаддас - 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ омодагӣ мегиранд. Басо шодиовар аст, ки дар фазои орому осудаи меҳани маҳбуб аз озодиву оромӣ ва сулҳу суботи сартосарии кишвар ҷашн мегирем.

Бузургтарин чеҳраҳои илму адаб - Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хӯҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Аҳмади Дониш ва даҳо нафар фарзандони фарзонаи миллат ба сахтӣ рӯ бурда, дар ғарибиву ғурбат ва ранҷу машаққат зери теғи бедоди аҷнабӣ ҷон бохтаанд. Шахсиятҳое, ки аз эшон намбурда шуд, ҳар яке машҳури давру замони хеш буда, дар миёни оммаи халқ ва тамоми табақоти ҷомеаи феодалии асримиёнагӣ маъруфияту маҳбубияти хоссе доштанд. Бо вуҷуди ин, чи рӯзҳои наҳсу касофатбореро аз сар гузаронидаанд ва бо дарду алами ҷонсӯз дучор шудаанд. Пас, ҷазоват кардан бисёр душвор аст, ки ба сари мардуми одӣ чӣ рӯзҳое омада бошад. Барои донистани ин ба сафҳаи таърихи халқамон назар меафканем, ки бо хуни ҳазорон бегуноҳ иншо шудааст.

Дар саҳифаҳои таърих гуфта шудааст, ки аҷдодони мо - сокинони далеру ватандӯсти Самарқанди бостон ҳангоми истилоҳи вахшиёнаи муғул ба ҳимояи шаҳр камар бастанд ва чандин муддат шаҳри худро ҳифз намуданд, пас аз сахтиҳои зиёд, ба лашкари ҷаррори муғул муяссар гардид, ки шаҳрро забт намояд. Пас аз ин, аҳолии шаҳрро ба ҷурми дифои Ватан қатли ом намуданд. Таърихнависон мегӯянд, ки пас аз истилои Самарқанд аз тамоми дарвозаҳои он чандин шабу рӯз хуни одамизод ҷорӣ мегардид. Ин танҳо як лаҳза аз он ҳама 1100 соли бедавлатӣ буд, ки дар муддати 11 асре, ки аҷнабиён хоки муқаддаси моро поймол мекарданд чӣ балоҳое ба сари аҷдодони мо оварданд, ба умқи қазовати ҳар як хонандаи закованманд ҳавола мекунем. Мақсад аз баёни рӯйдодҳои мудҳиши таърихи гузашта ин аст, ки мо бояд ба қадри истиқлолу озодӣ ва сулҳу ваҳдат расем ва онро ҳамчун ҷон дар бадан ҳифз намоем.

Дар шароити ҳассоси ҷаҳонишавӣ ҳифз ва ҳимояи давлат ва истиқлолу ваҳдат кори ниҳоят муҳим буда, аз ҳар як фард, пеш аз ҳама, худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва шуҷоату мардонагиро талаб менамояд. Чаро ки маҳз шахсияти дорои чунин хусусият метавонад, дар баробари ҳама зуҳуроти номатлуби ҷомеаи муосир - аз қабили терроризму экстремизм, бегонапарастию тақлидкорӣ, дингароӣ ва монанди инҳо истодагарӣ карда, манфиатҳои давлат ва миллатро ҳифз намояд.

Бо дарки ҳамин масъулият, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ба сари ҳокимият омадан масъалаи рӯ овардан ба таърих ва фарҳанги қадимаи гузаштагони миллатро дар маҳаки сиёсати давлатӣ қарор дода, ҷиҳати таҳқиқ ва омӯзиши таъриху тамаддуни халқи куҳанбунёди тоҷикон ибтикороти шоистаи сатҳи ҷаҳониро, аз қабили бузургдошти "Авасто", Камоли Хӯҷандӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Имоми Аъзам, ҷашнвораҳои 2500 - солагии Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 3000 - солагии Ҳисор, 5500 - солагии Саразм роҳандозӣ намуд.




Иқдоми навбатии Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки иборат аз чоп ва ба ҳар як оилаи Тоҷикистон ройгон тақдим намудани шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" саривақтӣ буда, ҷиҳати рӯ овардани шаҳрвандони Тоҷикистон, махсусан, ҷавонону наврасон ба таъриху фарҳанги гузаштагони хеш саҳми арзанда мегузарад. Пешвои муаззами миллат ҳамеша дар баромаду суханрониҳояшон таъкид медоранд, ки дар ҷаҳони имрӯза маҳз он халқу миллатҳое соҳиби давлат боқӣ мемонанд, ки таърих, фарҳанг ва расму оини гузаштагони хешро медонанд ва ба он арҷ мегузоранд. Дарвоқеъ, бе донистани таърихи гузаштаи худ инсон метавонад сари ҳар қадам ба монеа ва роҳгумӣ дучор шуда,ояндаи худ ва дигаронро тира созад. Гузашта аз ин, мавҷудияти шоҳасари "Тоҷикон" дар ҳар як оилаи тоҷик метавонад дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром гузоштан ба обу хоки муқаддаси кишвари маҳбубамон саҳмгузор бошад.

Барҳақ, ҳанӯз ҳашт қарн пеш Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ вобаста ба ин мавзӯъ дар муқаддимаи "Маснавии маънавӣ" басо ибратбахш андеша меронанд:

*Ҳар касе к-ӯ дур монд*
*аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори*
*васли хеш.*

Бале, инсон бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва хости қисмат аз Ватан, ёру дӯстон ва ҳамнасабон гоҳҳо дур мешавад, вале ин набояд маънои онро дошта бошад, ки бо каме беҳтар шудани ҳол дар рӯзгор аз асл ва аҷдоди худ фаромӯш кард ва санги маломат ба суи худ андозӣ, чаро ки бо гузашти айём ва умр инсон меҳоҳад боз ба асли хеш, арзишҳои динӣ ва миллии худ баргардад, ба шарте ки аз ҳадди эътидол дур нарафта бошад. Барои нагузаштан аз ин ҳад туҳфаи навбатии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айни муддао буда, дар фазои печидаи итилоотии ҷаҳони имрӯза сипарест дар ҳифзи давлати тоҷикон ва он ҳама арзишҳои миллии халқи тоҷик.

Аз ин лиҳоз, тамоми талошҳои Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар он равона гардидааст, ки халқи мо, махсусан, ҷавонон бояд ба асли хеш бештар рӯ оранд, на ба фарҳанги бегонагону аҷнабиён. Ба он хотир, ки таърих аз замони мавҷудияти оламу одам хуб дар ёд дорад, ки ҳар халқу миллате, ки аз асли хеш ҷудо шуд, гирдоби фано онҳоро якҷоя бо давлату дороияшон ба қаҳри худ фурӯ бурд. Дар замони имрӯза низ мо шоҳиди чунин нестшавии маҷозиву шаклии давлатҳои хурду бузург шуда истодаем, ки маҳз бо сабаби бепарвоии баъзе табақоти аҳолӣ нисбати таъриху фарҳанги хеш, озодиву истиқлол, бетарафӣ нисбат ба ояндаи давлату миллат ва тақлидкории ноҷо ба таъриху фарҳанги бегона муҳимтарин ҷавҳари зиндагӣ - номус, шараф, давлат ва озодиву ояндаашонро аз даст дода, ба вартаи нестӣ рӯ ниҳодаанд.

Ба ҳамин тариқ, хурду бузурги Тоҷикистон бояд бо дарки масъулият ва ифтихор аз асли хеш дар ҷаҳони имрӯза, ки пур аз таззоду даргириҳост, аз сари сидқ ҷиҳати боз ҳам такон бахшидан ба рушду инкишофи бемайлони тамоми соҳоти хоҷагии халқи кишвари маҳбубамон камари ҳимату садоқат баста, дар муаррифӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ кушишу талош намоянд ва бадин васила ворисони сазовори Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аҷдодони офарандаву созандаи хеш бошанд, зеро Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.01.2021 бо итминон таъкид намудаанд, ки "Халқи шарафманди тоҷик нангу номуси ватандорӣ ва ҳисси баланди миллӣ дорад ва бо чунин хислатҳои неку созандаи худ метавонад иқдомоти аз имрӯза ҳам бештарро амалӣ карда, Ватани муқаддаси худро ба кишвари ободу пешрафта ва ҳамқадами ҷаҳони муосир табдил диҳад".

## Шеъри рӯз



*Беҳрӯз ЗАБЕҲУЛЛО*

### ДАР ШАРҚ

Дар Шарқ дину ақл ба ҳам ҷанг мекунанд,
Дар Ғарб ҳар ду хидмати фарҳанг мекунанд.
Дар Шарқ фақру фитнаву зулм аст устувор,
Дар Ғарб кори хеш ҳамоҳанг мекунанд.
Дар Ғарб фард соҳиби қадр асту ихтиёр,
Дар Шарқ арсаро ба нафас танг мекунанд.
Дар Ғарб байни шоҳу гадо фарқи андак аст,
Ҳуккоми мо зи халқи Худо нанг мекунанд.
Дар Ғарб инфиҷори баму интиҳор нест,
Дар Шарқ қасди ҷони ту бо санг мекунанд.
Дар Ғарб ақл пояи сулҳу саъодат аст,
Дар Шарқ аз таассуби бад ҷанг мекунанд.
Ғарб аз хиёл раставу дар фикри хилқат аст,
Дар Шарқ кафши ҳоҷаи худ ранг мекунанд.

## СЕ ҲИКМАТ

Дӯстони азиз! Мо дар ютуб шабакае бо номи "Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ" созмон додем, ки дар он беҳтарин қиссаҳо нақл карда мешаванд. Аз ин хотир, ба шабакаи мо обуна шавед ва ғизои маънавӣ гиред!

### ИН ҲАМ БИГЗАРАД...

Марде бо либос ва кафшҳои қиматбаҳо ба деворе нигоҳ мекарду мегирист. Наздикаш рафтам, дидам ба навиштае, ки дар девор аст менигараду гиря мекунад, ки чунин навишта шуда буд: "Ин ҳам бигзарад". Гуфтам:

- Чаро гиря мекунӣ?

Гуфт:

- Ин навиштаи худам ҳаст. Чанд сол пеш дар ин ҷо ҳезум мефурухтам, аммо ҳоло чандин корхона дорам. Имрӯз ба ин ҷо омадам то боз нависам, ки "Ин низ бигзарад".

*Гар ба давлат бирасӣ,*
*маст нагардӣ, мардӣ*
*Гар ба зиллат бирасӣ,*
*паст нагардӣ, мардӣ.*
*Аҳли олам ҳама бозичаи*
*дасти ҳавасанд,*
*Гар ту бозичаи ин даст*
*нагардӣ, мардӣ.*

### ФАРИШТААМРО ГУМ КАРДААМ...

Марде аз роҳ мегузашт ва ногаҳ таваҷҷуҳаш ба тифлаке ҷалб шуд, ки рӯи як санг гиря мекард. Мард наздик шуд ва гуфт:

- Писарҷонам, чӣ чизе туро водор ба гиристан кардааст?

Писар, ки ёду хаёлаш ба коре банд буд, ҷавобе надод. Мард бошад давом дод:

- Бозичаатро гум кардаӣ?

Тифлак бо ишораи сар ҷавоби инкор намуд. Мард боз гуфт:

- Ягон моли қиммататро гум кардӣ?

Тифлак бо чашмони маъсумаш назаре ба мард карду гуфт:

- Бале!

Мард гуфт:

- Бигӯ, бубинам, чист вай моли қимматат, ки гумаш кардаӣ, то ӯро баҳрат дубора баркарор кунам?

Писарак гуфт:

- Яқинан мутмаинӣ, ки барқарор кунандаи моле бошӣ, ки ман гум кардаам?

Мард гуфт:

- Оре, чун хеле сарвати зиёд дорам!

Писарак бо ашки шашқатор ба мард нигаристу гуфт:

- Эй амак, МОДАРАМРО гум кардаам, қимматтарин шахсамро гум кардам. Ӯро ба ман баргардон!

Мард ба муҷarради шунидани ин сухан дигар ашкашро дошта натавонист ва беихтиёр гиря карду ҳангоме ки ашк дар гирди чашмонаш ҳалқа зада буд ва гиря гулӯгираш мекард, гуфт:

- Писарҷонам, ман тӯли 40 сол аст, ки дар ҷустуҷӯи ҳамин қимматтарин неъматам, вале сад ҳазор афсӯс, ки ҳеҷ натавонистам бар ивази кулли сарватам дубора пайдояш намоям.

**Мантиқ:** Пеш аз оне, ки модеро аз даст медиҳем, кушиш намоем, ки ба қадри он сидқан бирасем!

### АДОЛАТ

Ривояте ҳаст, ки рӯзе ҳазрати Мӯсо (а) аз лаби обе мегузашт ва чашмаш ба шахсе афтод, ки об менӯшид ва ҳангоми рафтан ҳамёни худро дар ҳамон мавзеъ фаромӯш кард. Марди дигаре омад ва хост об нӯшад, ҳамёни пулро дид ва гирифту рафт. Боз марди дигаре омад, об нӯшид, дар ҳамин асно соҳиби ҳамён баргашт ва гиребони ин мардро гирифт, ки ҳамёни маро ту гирифтаӣ ва мард ҳарчанд савганд меҳӯрд бовар намекард. Соҳиби ҳамён шамшер кашида, сари ин мардро аз тан ҷудо карду ба роҳи худ рафт ва дуд аз димоғи ҳазрати Мӯсо (а) аз ин беадолатӣ баромада, ба он Зоти пок арз намуд, ки ин чӣ беадолатист, ки ҳамёнро дигар кас гирифту дигар кас барои амали вай ҷон бохт ва Ту монеи ин беадолатӣ нагаштӣ. Садо омад, ки ё Мӯсо, ту ором бош аз он чӣ мо бохабарем ту бехабарӣ. Падари марди ҳамёндор ҳамон миқдор пул аз падари марди ҳамёнгирифтагӣ рабуда буд ва мо ҳаққи падари ӯро ба ӯ баргардонидем ва падари шахси ҷонбохта падари марди қотилро кушта буд ва мо бо дасти писари ӯ хунбаҳои падари ӯро расонидем. Акнун бигӯ куҷои ин беадолатист?

**Мантиқ:** Ҳар амалеро ҷавобест...

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Нодиданист сурати бемаънии ҷаҳон,*
*Равшан бисоз оинаи тори хешро.* Соиб



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН НАШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 11 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кардаанд, ки аз ин шумора 2 нафар кроссвордро бехато пешниҳод карданд: Каримзода Ҳисайн (22.02.2021, соати 07:50, бехато), Раҳимов Сиёвуш (22.02.2021, соати 07:51, 2 хато), Боймуродова Мадина (23.02.2021, соати 08:20, 4 хато), Шарипова Дилноза (23.02.2021, соати 08:22, 3 хато), Меҳронаи Неъматулло (23.02.2021, соати 09:49, 2 хато), Аббосова Фотима (23.02.2021, соати 09:47, 1 хато), Муродзода Бозоралӣ (23.02.2021, соати 16:30, 1 хато), Маҳмадиева Фароғат (24.02.2021, соати 08:55, бехато), Назарзода Фарзона (24.02.2021, соати 09:05, 4 хато), Шоҳи Карим, (25.02.2021,соати 11:08, 9 хато), Дилрабои Маҳмадалӣ (25.02.2021, соати 02:05, 20 хато).

Аз ин рӯ, мо ба хонандагоне, ки ба идора ҷавобҳои худро ирсол карданд, сипос мегӯем, аммо ғолиб танҳо нафароне мешаванд, ки пеш аз дигарон ҷавобҳояшонро дуруст пешниҳод кардааст. Дар ин шумора ғолибон Каримзода Ҳисайн ва Маҳмадиева Фароғат мебошанд, зеро ҷавобҳо бо хатоҳо пешниҳод гардидаанд.

*Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Мӯҳлати қабули ҷавобҳои кроссворди мазкур то 25.03.2021 муайян шудааст.*

Сангистон, сангзор
Таваҷҷӯҳ кардан
Шаҳр дар Олмон
Муҳофизатгар
меъёр, маҳак (форсавӣ)
Ҳолати аз майдон берун шудани тӯб
Кирми лойдӯстдор
Баъди он омин мегӯянд





Шутурмурғи австралиягӣ
Дар ...и кор атола дандон шиканад
Кач
... Чопра, ситораи кинои ҳиндӣ
Навъи санги кӯҳӣ
Тими футболи Голландия
Занбӯри асал
«Модар»-и борон
Ипподром - ҷои ин ҳайвон
Навъи муаммо
Некрафтор
Гузариш аз оби ҷӯ, марз ва ғ
Ҷанг
Ченаки тоҷикии масофа, 5-6 км
... Деол, ситораи кинои ҳиндӣ
Каме, андаке
Мусиқии эстрадии ғарбӣ
Муқобили «омад»
Намуди минерал
Саргин
Филми ҳаҷвии «Мистер ...» (ИМА)
... Франсиско, шаҳр дар ИМА
Номи аслии Фредди Меркюри
Яке аз мушкетдорон
Пурабр
"... дасти фитодае бигирӣ, мардӣ" (Рӯдакӣ)
Автомобили «Тико»-монанди русҳо
Рӯзи 11-уми моҳӣ шамсӣ
Олиме, ки эҷодиёти халқро меомӯзад
Орзу, таманно
...и Зоконӣ, шоир
Узви ҷуфти сар
Тоҷмаҳал дар ин шаҳр аст
Пойтахти ҷумҳурии шӯравӣ
Се карат ду карат як
Ҷазира дар Тонго
Ятимонда
Зоти тӯтии калон
Одам
Пули майдаи Афғонистон
Ғалаба, нусрат
Ҳабсхона, зиндон
...-у сано
Маҳрум
Ранги сари занҳои ҳиндӣ
Шамолхӯрда
Ширкати алоқаи мобилӣ
Онро бину ҳол пурс
Шаҳр дар Қазоқистон
Ван ..., рассоми голландӣ
Як навъ алафи аҷириқмонанд
Қисми пеш дар артиши амалиёт
Муқобили ношинос
... Зиёев, овозхон
Моҳии баҳрӣ
Атамани шаҳрҳои қазоқ
Александр ..., муаллифи «Се мушкетёр»
Хо Ши ..., собиқ доҳии Ветнам
Ҳамфикр
Пойтахти Марокаш





**Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 2 (314) аз 22.02.2021**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | М | У | Ҷ | А | Р | Р | А | Д | | Р | И | К | О | Ш | Е | Т | | |
| К | | | | | | | | К | | | У | | | | | | | | Т |
| А | | | | | | | Ч | О | Й | Н | И | К | | | | | | | А |
| Р | | | | | | | И | | | А | | У | | | | | | | Ф |
| А | | | | | | | Н | А | Ғ | З | | Н | | | | | | | Р |
| М | | | | | | | | Д | | А | В | Ҷ | | | | | | | И |
| Е | | | | | | | | О | У | Р | | И | | | | | | | Қ |
| Л | О | К | О | М | О | Т | И | В | | Г | А | Д | О | | | | О | Ч | А |
| | И | | Л | | Х | | | А | Д | О | | | Қ | И | Р | А | В | | А |
| | Л | | Е | | И | Л | О | Т | | Ҳ | А | М | О | М | | | О | И | Н |
| Ч | А | П | Г | И | Р | | | | | | | | | А | З | И | З | | Д |
| | | Е | | | И | | | | | | | | | | Е | | А | Н | О |
| Д | А | Р | В | И | Н | | | | | | | | | Б | Т | Р | | | З |
| И | | Р | | М | | | | | | | | | | И | | У | Р | Ф | И |
| С | | О | | О | | | | | | | | | | М | А | З | | О | |
| К | А | Н | А | Д | А | | | | | | | | | | В | | | Н | |
| Р | | | | | Ҷ | | | | | | | | | Н | А | Н | Г | И | Н |
| И | Б | О | | Қ | А | Л | А | М | | Ф | И | Л | М | | | О | | | А |
| М | | Т | | | Б | | Р | | И | | Б | | О | | | Т | А | Л | Х |
| И | | А | С | Р | О | Р | И | | Б | О | Т | А | Н | И | К | А | | | У |
| Н | | | | | | | Ф | О | Н | | И | | | | | | | | С |
| А | | | | | | | М | | И | | Д | | | | | | | | Т |
| Н | | | | | | | Е | | | П | О | Я | | | | | | | В |
| Т | | | | | | | Т | А | Ғ | О | | Ъ | | | | | | | А |
| | | | | | | | И | | | С | О | Қ | | | | | | | З |
| | | | | | | | К | А | Д | У | | У | | | | | | | И |
| А | М | И | Н | З | О | Д | А | | | Х | А | Б | А | Р | Н | И | Г | О | Р |

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 100 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

# ХУШХАБАР. ТЕЪДОД 6000 ШУД!

Ба маълумоти хонандагони рӯзномаи "Анвори дониш" мерасонем, ки дар соли 2021 теъдоди бароришн рӯзнома ба 6000 адад расид, ки ин бесобиқа ҳаст. Ин дастоварди хуб аст, зеро сухани хуб ҳар қадар ки зиёд паҳн шавад, ба тафаккури мардум таъсири хуб мерасонад. Ба ҳамаи хонандагон ин муваффақиятро табрик мекунем.

Шумо ҳастед, ки мо ҳастем! Сипос барои буданатон!

# ЭҲДО БА УСТОД МИРАЛИЗОДА



*Саёра ҚУРБОНОВА, магистранти соли 2-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

Бомеҳру босадоқат бо чеҳраи кушода,
Марди ҳимматбаландӣ устод Мирализода.
Хизмат беназир аст дар соҳаи маориф,
Саҳми бузург доред пайваста дар ин ҷода.
Шогирдони зиёде дар роҳи илму дониш,
Чун бар камол расонед бо азму бо ирода.
Хислатҳои накӯӣ дар тинатат ниҳон аст,
Дар пастиҳо гирифтед дасти ҳар як фитода.
Мо ифтихор дорем бо шумо марди оқил,
Обрӯву эътиборат аз ин ҳам бод зиёда.
Ҳамеша сарбаланду умрат дароз бодо,
Шастсолагӣ муборак устод Мирализода.

# МАРКАЗИ ОМӮЗИШӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ!

Падарону модарони гиромӣ!

Бидонед, ки дар ҳар як оила 1 ё 2 нобиға зиндагӣ мекунанд, ки ин нобиғаҳо дар оилаи Шумо низ ҳаст ва онҳо фарзандони Шумо ҳастанд!

- Оё мехоҳед, ки фарзандатон дар озмуни "Фурӯғи субҳи доной китоб аст" иштирок намояд?

-Оё мехоҳед, ки фарзандатон номбардори Шумо бошад?

-Оё мехоҳед, ки фарзандатон дар 1 сол зиёда аз 150 китоб мутолиа кунад?

- Оё мехоҳед, ки фарзандатон фикри худро озодона бо забони адабӣ баён намояд?

- Оё мехоҳед, ки фарзандатон зиёда аз 100 ғазалу 150 рубоӣ ва дигар навъҳои шеъриро азёд намояд?

- Оё мехоҳед, ки фарзандатон муваффақу сарбаланд бошад?

-Оё мехоҳед, ки фарзандатон беҳтарин ахлоқи инсониро дошта бошад?

Пас, ба таваҷҷӯҳи Шумо мерасонем, ки мо дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ МАРКАЗИ ОМӮЗИШИИ "МУТОЛИА" барои тайёр намудани кӯдакон, хонандагон ва донишҷӯён ба озмуни "Фурӯғи субҳи доной китоб аст" таъсис додем.



Мо довталабонро аз рӯи ду номинатсия: 1. Номинатсияи хондани қиссаву ривоятҳои халқӣ, асарҳои насрӣ ва аз ёд кардани осори адибони классикии тоҷик (20 нафар), 2. Номинатсияи хондан ва аз ёд кардани адабиёти кӯдакон ва наврасон, осори шифоҳӣ, порчаҳо аз осори манзуми адибони классикӣ ва муосири тоҷик (20 нафар) тайёр мекунем.

Маблағи моҳона 100 сомонӣ муқаррар шудааст ва мо бо ин маблағ китобҳои даркориро харидорӣ карда, ба шунавандагони марказ пешниҳод мекунем.

Танҳо 40 нафар довталаб қабул мекунем! Шитобед!

Муаллими дарсдиҳанда номзади илми филология, дотсент, Аълочии матбуоти Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Ҷаҳонгир Рустамшо мебошад.

Телефон барои тамос: 981 000 219

# 10 ҚОИДАИ ШАХСИ МУВАФФАҚ АЗ БУЗУРГТАРИН РАВОНШИНОСОН



1. Он коре, ки Шумо карда истодаед, аз сидқи дил кунед ва онро ташаккул диҳед, фаромӯш накунед, ки ин интихоби Шумост!

2. Ба санҷишҳои рӯҳӣ ва ҷисмонӣ омода шавед. Бидонед, ки чӣ гуна дар ақл ва бадан солим бошед. Агар шумо намедонед, ки чӣ тавр, биомӯзед!

3. Аз имтиҳони дарпешистодаи Шумо дар мақоми нав лаззат баред.

4. Ҳамеша мусбат бошед! Барои худ вазифаҳои мушкил мондан натарсед. Стресс - ин маҳсули новобарӣ ба худ аст, аз ин рӯ, ба худ бовар ва эътимод кунед!

5. Дар ҳар гуна вазъият, Шумо метавонед дар он чизе, ки дар айни замон карда истодаед, парокандa шавед. Дар гузашта зиндагӣ накунед ва имрӯз ҳам зиндагӣ накунед - ин баробар ба мағлубият аст. Ҳозир зиндагӣ кунед!

6. Фикр моддӣ аст. Фикрҳои худро назорат кун! Агар ақли Шумо ором бошад, пас, бадан фишурда намешавад. Дар хотир доред, ки бемориҳо аз куҷо пайдо мешаванд? Ва баръакс, шиддати мӯшакҳо мунокишаи психологиро нишон медиҳад - сабабро дар фикрҳои худ биҷӯед, вазъро раҳо кунед!

7. Агар Шумо вазъиятро тағйир дода натавонед, муносибати худро ба он тағйир диҳед. Мо ҳамеша вазъро тавре мебинем, ки мо ин вазъро дида метавонем. Худро таълим диҳед, биниши худро васеъ кунед!

8. Таваҷҷӯҳи худро ба он чизе, ки ба шумо дода мешавад, назорат кунед ва аз он чизе, ки аз имконоти шумо берун аст, ҷудо кунед. Бидонед, ки чӣ гуна бояд сари вақт таваққуф кард, то қувват гиред ва сатри баландтарро паси сар кунед.

9. Бо шикаст дучор шудан, онро ҳамчун таҷриба қабул кунед! Фаҳмидани хатогиҳои Шумо бояд Шуморо дар оянда ба сӯи пирӯзӣ расонад. Ноумед нашавед!

10. Асос он аст, ки Шумо аз ҳар гуна раванде, ки мекунед, ҳаловат баред ва хурсандӣ кунед: варзиш, таҳсил, тиҷорат, оила. Ва он гоҳ бахт бо Шумо хоҳад буд!

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

МИРАЛИЗОДА АБДУСАЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН,
доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

ХОЛИҚЗОДА АЙНИДДИН,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗАФАР МИРЗОЁН,
ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

НАЗАРОВ ХОТАМ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст. Адади нашр 6000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: қорӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-76-77-12; 981-00-02-19